Омори солҳои охир овардашуда аз мавҷудияти омилҳои харобиовар шаҳодат медиҳад, ки дар зери таъсири онҳо раванди ғайрисаноатикунонӣ сурат гирифтааст. Сабабҳои асосии он ҳам шароити таърихан ба вуҷудомада (диверсификатсияи сусти иқтисодиёт, пошхӯрии ИҶШС ва канда шудани робитаҳои байниқтисодӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, модели кироячӯии рафтори аксарияти субъектҳои хоҷагидорӣ) ва ҳам қарорҳои ғайрисамаранок (хусусигардонӣ, либерализатсияи тиҷорат ва барҳам додани маҳдудиятҳо ба воридоти молҳои истеъмолӣ, банақшагирии ғайрисамараноки равандҳои рушди саноат ва номавҷудии сиёсати давлатии саноатӣ дар марҳилаҳои аввали ташаккулёбии истиқлолият, маҳдудияти захираҳои сармоягузорӣ

---

[5] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 21.12.2021.

[6] Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмӯаи оморӣ - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. 90 с.

[7] Тоҷикистон: 30 сол истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - 702с.

ва номавҷудии ҳақиқии механизмҳои самараноки маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноат, таркибдиҳандагони сусти инноватсионӣ) шуданд.

Дар ин шароит барои ноил шудан ба рушди саноатӣ ва бартарафкунии монеаҳои боздорандаи рушди саноат, ки ба онҳо номукаммалии заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, механизмҳои ташкилию иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ, пардохтнопазирии сохторҳои мавҷудаи дастгирии сармоягузории соҳибкорӣ дар кишвар ва фаъолнокии сусти сармоягузорӣ дохил мешаванд, масъалаи фаъолгардонии таъмини сармоягузории саноати мамлакат аҳаммияти муҳим касб мекунад.

Дар татбиқи равандҳои таъмини сармоягузории саноат давлат нақши калидиро мебозад, зеро он барои ташаккул ва рушди ин равандҳо ва сохторҳои соҳибкорӣ заминаи қонунгузорӣ, институтсионалӣ ва амалӣ, ҳамчун иштирокчии асосӣ дар фазои иқтисодӣ, ба вуҷуд меорад. Ин зарурати таҳким ва ҳавасмандгардонии фаъолнокии корӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт, татбиқи сиёсати самарабахши сармоягузорӣ-саноатӣ, ҳавасмандгардонии механизми сармоягузории дубораи фоида дар саноат, ташаккули институтҳо ва рушди инфрасохторро муайян мекунад, ки ба диверсификатсияи сарчашмаҳои захираҳои сармоягузорӣ ва ташаккули механизми комплексии таъмини сармоягузории саноат мусоидат мекунанд.

Ин, дар навбати худ, гузаронидани таҳқиқотҳои мунтазами илмиро дар самтҳои зикршуда тақозо мекунад. Иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ дар ташкили назарияи муосири рушди иқтисодӣ ва тараққиёт саҳми бузург гузоштанд, ҷузъи сармоягузориро таҳқиқ намуда ва ба иштироки ҳатмии давлат дар фаъолияти сармоягузорӣ ва танзими он ишора намудаанд, бо вуҷуди ин ба муаммоҳои сармоягузории ғайрифаъоли ҷамъият ва сохторҳои соҳибкорӣ, таҳқиқоти сарчашмаҳои молиявии сармоягузорӣ, ташаккули стратегияи сармоягузорӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ таваҷҷуҳи кам зоҳир карда шудааст. Вобаста ба ин, зарурати ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам амалӣ кор карда баромадани масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ ба вуҷуд омад, ки муносибати ягонаро ба ҳалли муаммоҳои рушди сармоягузорӣ ва ташаккули механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат таъмин мекунанд.

Муҳимнокии муаммоҳои қайд кардашуда интихоби самти тадқиқоти рисоларо асоснок ва муайян кардааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Ҷанбаҳои умумии назариявӣ-методологии омӯзиши фаъолияти сармоягузорӣ, аз он ҷумла дар шароити рушди афзалиятноки соҳаҳои саноат дар корҳои олимони ватанию хориҷӣ, ба монанди академикҳо Қаюмов Н.Қ., Назаров Т.Н., Нарзиқулов И.К., Раҳимов Р.К., Саидмуродов Х.М., инчунин Абалкин Л., Ғаффорзода Ҷ.Г., Гитман Л., Гришин И., Иванов Л.С., Иголников Г., Икромов Ф.Н., Исмоилов А.А., Каримова М.Т., Комилов С.Ҷ., Лившитс В., Муминова Ф.М., Низамова Т.Д., Подшиваленко Г.П., Петров Ю., Раҳимзода Ш.М., Ризоқулов Т.Р., Умаров Ҳ.У., Фишер П., Хоҷаев П.Д., Холт Р., Хоналиев Н.Х., Яковетс Ю., Яременко Ю. ва дигарон пешиҳод карда шудаанд.

Бо муаммоҳои рушди бахши саноат, бартарафкунии ғайрисаноатикунонӣ ва таназзули саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин олимони намоёни ватанӣ, ба монанди Аҳророва А.Д., Бобокалонов М.О., Ҷӯрабоев Г.Ш., Каримова М.Т., Қаюмов Н.Қ., Муллоҷонов А.К., Муртазоев У.И., Назаров Т.Н., Нарзиқулов И.К., Низамова Т.Д., Раҳимов Р.К., Саидмуродов Ҳ.М., Сафоев А.К., Умаров Ҳ.У., Хоналиев Н.Х. ва дигар олимон машғул буданд.

Ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ба монанди Асаул А.Н., Аҳророва А.Д., Бланк И.А., Брю С.Л., Дадоматов Д.Н., Қодиров Ф.А., Комилов С.Ҷ., Қудратов Р.Р., Макконнелл К.Л., Смит А., Самуэльсон П., Рауфӣ А., Раҳмонов Ҷ.Р., Файзулло М., Фаррухӣ Р., Хоҷаев П.Д. ва дигар олимон бахшида шудаанд.

Муаммоҳои фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба сохторҳои соҳибкорӣ, ки дар соҳаҳои саноат фаъолият мекунанд, дар корҳои илмии Асроров И.А., Дадоматов Д.Н., Қаюмов Н.Қ., Қандиерова Д.О., Комилов С.Ҷ., Қурбонов А.Қ., Муқаддасзода Ф.М., Назаров Т.Н., Низамова Т.Д., Раҳимов Р.К., Розиқов Р.В., Розиев Д.А., Саидов Д.Ш., Сафоев А.К., Солеҳзода А.А., Султонов З.С., Саидмуродова Л.Ҳ., Тошматов М.Н., Уроқова Д., Файзулло М., Хоҷаев П.Д., Хушвахтзода Қ.Х. ва дигар олимони намоён баррасӣ карда шудаанд.

Дар таҳқиқот ва омӯзиши иқлими сармоягузорӣ ва нерӯи сармоягузорӣ чунин олимони намоён, ба монанди Авезов А.Х., Ғаффоров Ф.М., Кейнс Дж., Комилов С.Ҷ., Лвов Д., Мирсаидов А.Б., Муҳаббатов Ҳ.М., Обидов Ф.С., Одинаев Ҳ.А., Сафоев А.К., Тағоев Ҷ.Ҳ., Урунов А.А., Хоналиев Н.Х., Шарипов У.А., Шмидт С., Юсупова Г.А. ва дигарон саҳми калон гузоштаанд.

Масъалаҳои ташаккули танзими давлатӣ ва дастгирии сиёсати сармоягузорӣ дар иқтисодиёти миллӣ, аз он ҷумла дар бахши саноат дар корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ба монанди Аброров Ҳ., Авезова М.М., Алиҷонов Ҷ., Бобоҷонов Д.Д., Бабурин В.Л., Бердиев Р.Б., Бланк И., Бурков В.Н., Ғаффорзода Ҷ.Г., Ғаффоров Ф.М., Гускова Н.Д., Давлатзода Қ.Қ., Ҷӯрабоев Г.Ш., Довгяло Ю.П., Жерновая Э.В., Заложнев А.Ю., Зувайдулоева Г.Х., Қандиерова Д.О., Каримова М.Т., Каримов А.Х., Катаев А.Х., Қодирзода Д.Б., Қурбонов С.Н., Қудратов Р.Р., Низамова Т.Д., Наимзода Н.К., Никаноров Д.Е., Одинаев Ҳ.А., Олшанская М.В., Пиризода Ҷ.С., Раҳимзода Ш.М., Ризоқулов Т.Р., Розиқов В.А., Ройзман И., Солиева Х.Ш., Саидмуродов Л.Ҳ., Сатторов Л.А., Солеҳзода А.А., Солоу Р., Смит А., Султонзода И.М., Улмасов Ф.М., Хоҷаев П.Д., Хоналиев Н.Х. ва дигарон таҳқиқ карда шудаанд.

Бо вуҷуди ин, масъалаҳои ташаккули механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат, принсипҳои фаъолияти он ва муайян намудани мақсадҳои стратегии рушд дар сатҳҳои гуногуни иерархӣ, инчунин сарчашмаҳои молиявии таъмини фаъолияти сармоягузорӣ дар саноат ва самтҳои такмили сиёсати сармоягузорӣ-саноатӣ ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

**Робитаи кори диссертатсионӣ бо барномаҳои далатӣ (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ бевосита бо самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт мутобиқи стратегияҳо ва барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи рушди миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, Барномаи сармоягузории давлатӣ барои солҳои 2021-2025, Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 алоқаманд аст, инчунин мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади кори диссертатсиоӣ** таҳия ва асосноксозии асосҳои назариявӣ-методологӣ ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба ташаккули механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноати Тоҷикистон бо дарназардошти омӯзиши имкониятҳои ҳамоҳангсозии вазифахои маҳаллӣ, соҳавӣ ва умумииқтисодӣ дар соҳаи таъмини сармоягузорӣ мебошад.

Барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда дар рафти таҳқиқот вазифаҳои зерин ҳал карда шуданд:

- назария ва методологияи таъмини сармоягузориро таҳқиқ намуда, ба низом даровардани афкори илмӣ, муайян кардани аппарати консептуалӣ, ошкор намудани моҳияти фаъолияти сармоягузорӣ ва тавсифи эволютсияи ҷузъиёти сармоягузорӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ, инчунин муайян намудани шароитҳо барои ташаккули механизми самараноки таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат;
- асоснок кардани зарурати таҳия ва риояи принсипҳо дар баҳодиҳии интегралии механизми таъмини сармоягузории саноат дар шароити муосир, инчунин муайян кардани аҳамияти арзёбии молиявӣ-иқтисодии фаъолияти сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат;
- дар асоси муайян кардани ҷанбаҳои методологии баҳодиҳии иқлими сармоягузорӣ дар саноат гузаронидани таҳлили комплексии вазъи муосири фаъолияти сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат бо назардошти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, ва дар асоси

муайян намудани таъсири нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ арзёбӣ намудани рушди фаъолияти сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат;

- таҳлил намудани ҳолат ва динамикаи рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ошкор кардани омилҳое, ки ба таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат таъсир мерасонанд ваояндабинии афзоиши маблағгузориҳои асосӣ;

- кор карда баромадани равишҳои консептуалӣ ва методологӣ ва принсипҳои ташаккулёбии сиёсати сармоягузорӣ-саноатӣ, ки зарурати истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро барои таъмини сармоягузории рушди саноат пешбинӣ менамояд;

- таҳияи модели диверсификатсионии маблағгузории механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат;

- ошкор намудани нақш ва зарурати рушди маркетинги сармоягузорӣ ҳамчун шарти фаъолгардонии таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат;

- муайян намудани ҳолати муосири бозори қоғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани дурнамои он барои таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат;

- муайян кардани самтҳои такмилдиҳии механизми тақсимоти фоидаи сохторҳои соҳибкорӣ дар саноати Тоҷикистон барои таъмини сармоягузории саноат;

- асоснок кардани чораҳо ва ташаккул додани афзалиятҳои стратегии рушди механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат, инчунин тавсия кардани роҳҳои фаъолгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** фаъолияти сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Предмети таҳқиқот** маҷмӯи муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ мебошад, ки дар раванди ташаккули механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** дар он асос ёфтааст, ки ҷанбаҳои назариявӣ-методии таҳияшуда, ки асоси механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноати Тоҷикистонро ташкил мекунанд, имкон медиҳанд сохтори ҷалби сармоягузорӣ беҳтар ва диверсификатсия карда шавад ва ба устувории молиявӣ ва фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши саноат мусоидат мекунанд.

**Марҳила, макон ва давраи тадқиқот.** Диссертатсия дар солҳои 2018-2024 дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқотро** корҳои илмии олимони иқтисоддони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки ба муаммоҳои мубрами рушди сармоягузорӣ, ташаккули сиёсати сармоягузорӣ ва саноатӣ, инчунин масъалаҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити фаъолгардонии рушди саноатӣ бахшида шудаанд.

Дар кори илмӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати молия ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии рушди бозори коғазҳои қиматнок ва бақайдгирии махсуси Вазорат молияи Тоҷикистон, маводҳои конференсияҳои илмию амалӣ, монографияҳо ва дигар маводҳо, ки дар матбуоти даврагӣ ба табъ расидаанд, захираҳои ахбории интернет, тадқиқот ва ҳисобҳои муаллифӣ истифода шудаанд.

**Методологияи тадқиқот.** Барои ҳалли масъалаҳои тадқиқот усулҳои абстраксияи илмӣ, таҳлили системавӣ, сохторӣ, функсионалӣ, омилӣ, оморӣ, муқоисавӣ, иқтисодию оморӣ, инчунин усулҳои баҳодиҳии экспертӣ, моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ, динамикӣ, индуктивӣ-дедуктивӣ, таърихӣ-логистикӣ ва ғайраҳо истифода шудаанд.

**Сарчашмаҳои иттилоот.** Дар кор ба сифати заминаи иттилоотӣ аз Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ аз рӯи мавзӯи тадқиқот, маҷмӯаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия ва Вазорати

рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии рушди бозори коғазҳои қиматнок ва бақайдгирии махсуси Вазорати молияи Тоҷикистон, Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин натиҷаҳои тадқиқотҳои махсуси иҷтимоию иқтисодӣ ва мониторинг, маводҳо аз Интернет ва дигар сарчашмаҳои иттилоот истифода карда шудаанд.

**Пойгоҳи тадқиқот.** Кори илмӣ-тадқиқотӣ дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Навоварии илмии тадқиқот** дар таҳияи равишҳои консептуалӣ ва методологии ташаккули механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат, инчунин маҷмӯи пешниҳоду тавсияҳои амалӣ барои фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат ифода меёбад.

Ба натиҷаҳои мушаххас, ки дар ҷараёни тадқиқот ба даст оварда шудаанд ва дорои навовариҳои илмӣ мебошанд, дохил мешаванд:

1. Дар асоси ҷамъбасткунӣ ва ба низомдарории андешаҳои илмӣ асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ таҳия гардидаанд, унсурҳои асосии дастгоҳи консептуалии фаъолияти сармоягузорӣ муайян карда шудаанд ва тафсири муаллифии категорияҳои асосии мавзуъи додашуда бо назардошти муқаррар намудани алоқаи байни онҳо дода шудаанд. Нақш ва аҳамияти ҷузъиёти сармоягузорӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун воситаи муҳимтарини ноил шудан ба рушди иқтисодӣ ва таъмини саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ ошкор карда шудаанд;

2. Принсипҳои баҳодиҳии интегралии механизми таъмини сармоягузорӣ дар шароити муосир пешниҳод карда шудаанд, ки маҷмӯи таъсири зиёди натиҷаҳоро ифода мекунад, зарурати риояи онҳо асоснок карда шудааст, ки таҳлили ҳаматарафаи омилҳо ва шароитҳои ба натиҷаҳои раванди сармоягузорӣ таъсиррасонро бо мақсади ошкор кардани муаммоҳо ва бартарафкунии онҳо пешбинӣ менамояд, инчунин аҳамияти арзёбии молиявию иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ муайян карда шудааст, ки пойгоҳи асосноксозии иқтисодӣ мебошад ва татбиқи қонунҳои бозориро инъикос мекунад, ки мавҷудият ва арзёбии «сифат»-и фоидаи эҳтимолии сармоягузор ва дигар иштирокчиёни манфиатдорро муайян мекунад;

3. Ҷанбаҳои методологии арзёбии иқлими сармоягузорӣ дар саноат аниқ карда шудаанд, ки дар асоси онҳо чунин категорияҳо ба монанди нерӯи сармоягузорӣ ва таваккали сармоягузорӣ муфассал таҳлил карда шуда, дар он байни категорияҳои «иқлими сармоягузорӣ» ва «муҳити соҳибкорӣ» вобастагии мутақобила муқаррар карда шудааст, инчунин таҳлил ва муайян карда шудааст, ки вазъи макроиқтисодии иқтисодиёти миллӣ ҳамчун як ҷузъи иқлими сармоягузорӣ бевосита ба фаъолгардонии равандҳои сармоягузорӣ алоқаманд аст, ки бо робитаи устувори байни сатҳи таваррум ва ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисодиёт тасдиқ карда мешавад, ки дар асоси он барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар фаъолона истифода бурдани воситаҳо ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ (таваррум, меъёри асосӣ) пешниҳод карда шудааст;

4. Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои микдорӣ ва сифатӣ мавқеи бартаридоштаи сохторҳои соҳибкорӣ чӣ дар истеҳсолоти саноатӣ ва ҳам дар ҷалби сармоягузориҳо ба рушди саноат собит карда шудааст. Дар асоси истифодаи таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ як қатор омилҳое ошкор карда шуданд, ки бо равандҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёт робитаи зич доранд. Омӯзиш ва танзими омилҳои ошкоршуда имкон медиҳад, ки ба фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ таъсири бевосита расонида шавад ва самтҳои рушди он пешниҳод карда шавад. Ҳамчунин дурнамои афзоиши сармоягузориҳои асосӣ то соли 2030 бо дарназардошти таъсири омилҳои зикр кардашуда, ки нокифоя арзёбӣ мешавад, пешниҳод шудааст;

5. Самтҳои сиёсати самараноки сармоягузорӣ-саноатӣ дар асоси ҳамкорӣ ва татбиқи равишҳо ва назарияҳои илмии рушди сармоягузорӣ-саноатӣ, танзими меъёрӣ-ҳуқуқии сиёсати сармоягузорӣ-саноатӣ, дастгирии мақомотҳо ва институтҳои давлатии ваколатдор, диверсификатсияи сарчашмаҳои таъмини молиявӣ ва захиравии татбиқи сиёсат асоснок карда шудаанд, инчунин истифодаи фаъолонаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ тавсия карда шудааст, ки на танҳо ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ, балки ҳам ба

роҳандозии ҳамкориҳои мутақобилан судманди байни давлат ва бахши хусусӣ мусоидат мекунад;

6. Собит карда шудааст, ки диверсификатсияи сарчашмаҳои таъмини сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ самти муҳим ба ҳисоб меравад, зеро барои ҷалби маблағгузории ташаббусҳои соҳибкорӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад, аммо ташаккули механизми диферсификатсионии таъмини сармоягузорӣ ҳалли як қатор муаммоҳоро талаб мекунад. Барои ноил шудан ба таъмини сармоягузории самаранок роҳҳои ҳалли муаммоҳо, ки бо маблағгузории устувор, иқлими мусоиди сармоягузорӣ, рушди сармояи инсонӣ ва саводнокии молиявӣ, баландбардории устувории ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, инчунин таҳкими ҳамкории байни ҳамаи иштирокчиёни раванди сармоягузорӣ пешниҳод шудаанд;

7. Муқаррар карда шудааст, ки ҷорӣ намудани принсипҳо ва усулҳои маркетинги сармоягузорӣ дар фаъолияти ҳам сохторҳои соҳибкории хусусӣ ва ҳам сохторҳои давлатӣ воситаи ҳатмӣ ва самараноки соҳибкории муосир барои ҷалби сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад, ки имкон медиҳад нақши муқарраршудаи «талбандаи» сармоягузорон бартараф карда шавад ва ба сатҳи нави ҳамкории мутақобилаи судманд мубаддал гардад, ки ҷалби сармоягузорон, ҳаракати маҳсулоти сармоягузориро таъмин мекунад, инчунин ташаккул ва идоракунии самараноки имиҷи ширкат ва муносибатҳои дарозмуддатро бо. шарикон пешбинӣ мекунад;

8. Собит карда шудааст, ки вазифаи асосии бозори коғазҳои қиматнок - ҷамъкунӣ ва тақсими оқилонаи захираҳои молиявӣ иҷро нашуда истодааст, ки ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёти ватаниро ба таври назаррас паст мекунад ва умуман ғайрисамаранок будани ин сохторро дар давраи ҳозира тавсиф мекунад. Рушди бозори коғазҳои қиматнок, таъмини такмилдиҳии он ва ноил шудан ба меъёри ба мақсад мувофиқи даромаднокии сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки ҳаҷми қарзҳои дохилӣ васеъ карда шавад ва онҳо барои сармоягузории бахши воқеии иқтисодиёт равона карда шавад, барои ҷалби захираҳои сармоягузории беруна хизмат мекунад, суръати хуруҷи онҳо ба хориҷа суст мешавад, инчунин ба пайдоиши самараи системавӣ мусоидат мекунад;

9. Ошкор карда шудааст, ки дар шароити муосир барои таъмини фаъолияти сармоягузории субъектҳои хоҷагидорӣ бояд ба механизми тақсимоти фоида, ки сарчашмаи асосии маблағгузории фаъолияти сармоягузории он мебошад, таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намоянд. Муайян карда шудааст, ки механизми тақсимоти фоидаи сохторҳои соҳибкорӣ бояд мақсадҳои сармоягузории корхонаро таъмин намояд, маркетинги сармоягузорӣ ва тақсимоти фоида бояд ба ҳамдигар вобаста бошад ва ҳамдигарро пурра намояд; Аҳамияти қабули қарорҳои соҳибкории самаранок ва оқилона дар марҳилаи тақсимоти фоидаи гирифташуда, таҳияи усули тақсимоти фоидаи сохторҳои соҳибкориро дар саноат асоснок намуд;

10. Афзалиятҳои стратегии рушди механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат асоснок карда шудааст ва роҳҳои асосии фаъолгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда шудаанд, ки ба онҳо дохил мешаванд:

- ✓ истифодаи комплексӣ ва татбиқи мунтазами тадбирҳо ва воситаҳои танзими давлатӣ дар самти танзими институтсионалӣ-ҳуқуқӣ, таъмини ташкилӣ ва ҳавасмандгардонии иқтисодии рушди сармоягузорӣ дар саноат;
- ✓ дастгирии васеъи давлатӣ, ки маҷмӯи тадбирҳои ба ташаккулёбии иқлими мусоиди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ нигаронида шудаанд, пешбинӣ мекунад;
- ✓ ҷалби тамоми сарчашмаҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, ки метавонанд дар ташаккулёбии сармояи сармоягузорӣ иштирок кунанд (молияи давлатӣ, маблағҳои ҷалбшуда ва маблағҳои худии субъектҳои соҳибкорӣ, пасандозҳои аҳолӣ);
- ✓ таъсис додани Фонди дастгирии саноат ҳамчун институти махсуси молиявӣ, ки ба саноат барои маблағгузории лоиҳаҳои ба коркарди маҳсулоти нави баландтехнологӣ, азнавтаҷҳизонидани техникӣ ва ташкили истеҳсолоти рақобатпазир дар асоси беҳтарин технологияҳои дастрас нигаронида шудаанд, қарзҳои имтиёзнок пешниҳод менамояд. Фаъолияти Фонд бояд дар масъалаҳои дастгирии молиявии саноат самти инноватсионӣ дошта бошад;

- ✓ шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки дар иштироки фаъолонаи сармояи давлатӣ дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ асос ёфта, аҳамияти стратегӣ доранд, тавассути таъсис додани ҷамъиятҳои саҳомии кушода;
- ✓ баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва ташаккули ҳавасмандии иқтисодӣ барои сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ. Дар навбати аввал ин фароҳам овардани «паноҳгоҳҳои» андозиро барои соҳибкории саноатӣ на танҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ, балки ҳам барои сармоягузории дохилии ватанӣ, тавассути татбиқи фаъолонаи тадбирҳо оид ба такмили сиёсати андозӣ ҳамчун воситаи самараноки суръат бахшидан ба равандҳои саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ, дар назар дорад.

**Муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- собит карда шудааст, ки сармоягузорӣ ва амалигардонии фаъолияти сармоягузорӣ сарчашма ва воситаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, бояд бо самараи мултипликатор ва суръати рушд ҳамроҳӣ кунад, ки самаранокӣ ва таъиноти мақсадноки сармоягузориро тасдиқ мекунад, инчунин исбот карда шудааст, ки сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт бештар самаранок мебошад ва зуҳуроти самараи зикршударо бештар таъмин мекунанд, инчунин тафсири муаллифии дастгоҳи категориявӣ ва консептуалии мафҳуми фаъолияти сармоягузорӣ, ҳамчун низоми мантиқии аз нав сохтаи истилоҳҳои махсус пешниҳод карда шудааст, ки имкон медиҳад равандҳои мавриди омӯзиш қарордода якхел тафсир ва фаҳмида шавад;

- аҳамият ва принсипҳои баҳодиҳии интегралии механизми сармоягузорӣ аз рӯи мавқеи он дар занҷири методӣ-методологии маърифатӣ равшан карда шудааст: равиши системавӣ → таҳлили системавӣ → баҳодиҳии интегралӣ, инчунин хусусияти стратегии арзёбии молиявию иқтисодии сармоягузорӣ;

- унсурҳои таркибии иқлими сармоягузорӣ ҳамчун маҷмӯи нерӯи сармоягузорӣ, таваккали сармоягузорӣ ва ҷолибияти сармоягузорӣ ошкор карда шудаанд, ки имкон медиҳанд самтҳои асосии арзёбии бисёромилаи иқлими сармоягузорӣ пешниҳод карда шаванд;

- дар асоси таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ як қатор омилҳо баҳо дода шудаанд, ки бо сармоягузорӣ дар иқтисодиёт робитаи зич доранд, ояндабинии сармоягузорӣ то соли 2030 ҳамчун нокифоя дониста шуд, ки таҳияи тавсияҳоро оид ба ташаккули ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти миллӣ асоснок намуд;

- самтҳои консептуалии сиёсати сармоягузорӣ-саноатӣ бо дарназардошти ҷалби васеи ҳамаи иштирокчиён, ки ба онҳо давлат, сохторҳои соҳибкорӣ ва аҳолии кишвар дохил мешаванд, пешниҳод гардидааст, инчунин тадбирҳо оид ба такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар асоси таҳлили вазъи муосири ин шакли ҳамкорӣ ва ошкоркунии муаммоҳое, ки ки рушди онро боз медоранд, пешниҳод гардиданд;

- равиши диверсификатсионӣ барои ташаккулёбии механизми таъмини сармоягузории саноат, ки дар принсипҳои бисёрвариантокӣ ва беҳтаркунӣ асос ёфтааст, таҳия карда шуд;

- аҳамият ва самтҳои рушди маркетинги сармоягузорӣ ҳамчун шарти муҳими тақвияти фаъолгардонии таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат дар шароити муосир асоснок карда шудааст;

- вазъи бозори коғазҳои қиматнок арзёбӣ карда шудааст ва тавсияҳо барои рушди он ҳамчун шарти ҳатмии ташаккулёбии механизми самаранок ва гуногунсоҳаи таъмини сармоягузории рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст;

- тавсияҳо оид ба такмили механизми тақсимоти фоидаи бадастовардаи сохторҳои соҳибкорӣ ҷиҳати фаъолияти устувори механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат кор карда баромада шудааст;

- афзалиятҳои стратегии ташаккули механизми самараноки таъмини сармоягузории рушди саноат пешниҳод карда шудаанд, ки системаи комплексиро ифода карда, аз маҷмӯи субъектҳо, объектҳо, равандҳо ва муносибатҳои хусусияти сармоягузорӣ дошта иборат аст, ва дорои қобилияти такрористеҳсол ва тавлиди маблағҳои нави молиявӣ ва захираҳои сармоягузорӣ мебошад.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқоти** анҷомёфта бо моҳият ва хусусияти амалии муаммоҳои ташаккули механизми самараноки таъмини сармоягузорӣ муайян карда

мешавад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар назария ва амалияи танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ, дар таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои рушди сармоягузорӣ ба инобат гирифта шаванд.

Маводҳои тадқиқотиро ҳангоми хондани лексияҳо аз рӯи фанҳои «Сармоягузории байналмилалӣ», «Ташкили фаъолияти соҳибкорӣ», «Иқтисоди корхона», «Менеҷменти молиявӣ», «Бозори байналмилалии коғазҳои қиматнок», «Сиёсати сармоягузорӣ», инчунин ҳангоми хондани курсҳои махсуси баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва фаъолнокии сармоягузорӣ, барои ихтисосҳои иқтисодӣ ва ба ҳам алоқаманд дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ истифода кардан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот.** Хулоса ва натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ барои истифода ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд (санади татбиқӣ аз 02.08.2024 с., № 3-2а/574), инчунин дар раванди таълим дар факултетҳои иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (санади татбиқ аз 02.05.2024) ва дар ҶДММ МНР «Сафир» (санади татбиқ аз 14.09.2023) истифода карда мешавад.

**Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Тадқиқот ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6D050608 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика, бандҳои 1. Масъалаҳои назариявӣ-методологии арзёбӣ ва баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар саноат ва энергетика; 5. Равишҳои методологӣ ва методии ҳалли проблемаҳои иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии саноат ва энергетика. Қонуниятҳо ва тамоюлҳои фаъолият ва рушди саноат ва энергетика; 13. Равандҳои бизнес дар корхонаҳои саноатӣ ва энергетики. Назария ва методологияи таҳия, банақшагирӣ ва пешгӯии равандҳои бизнес дар саноат ва энергетика; 15. Сиёсати саноатӣ ва энергетикӣ: механизмҳои таҳия, татбиқ, назорат. Идоракунии тағйиротҳои сохторӣ дар саноат ва энергетика; 18. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика, самаранокӣ; 23. Асосҳои назариявӣ-методологии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноат ва энергетика. Фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ ва энергетикӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар тадқиқоти илмӣ.** Ҳама марҳилаҳои тадқиқот аз интихоби мавзӯъ, таҳияи нақшаи корӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводҳои оморӣ, интихоб ва иҷрои талаботҳои зарурӣ барои пешниҳоди адабиёти истифодашуда, муайян кардани ҳадафҳо ва иҷрои вазифаҳо бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудаанд. Муҳаққиқ дар асоси таҳлили васеи назарияи рушди сармоягузорӣ ва таъмини сармоягузории рушди саноат, инчунин бо дарназардошти мақсадҳои стратегии тараккиёти иқтисодиёти миллӣ тавсияҳои методӣ пешниход мекунад. Натиҷаҳои тадқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ оварда шудаанд.

**Тасдиқ ва татбиқи натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла дар конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии «Проблемаҳои актуалии маркетинг дар шароити муосир» (Душанбе, 2016), Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Проблемаҳои актуалии рушди соҳибкории муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2017), Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Системаҳои иқтисоди миллӣ дар заминаи ташаккули фазои иқтисодии ҷаҳонӣ» (Симферополь, 2019), Конференсияи X байналмилалии илмии «Корнамоии илмии ҳазорсолаи сеюм» (Нью-Йорк, 2019), Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ» (Душанбе, 2020), Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Татбиқи ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ» (Душанбе, 2020), Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Ташаккули системаҳои идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» (Душанбе, 2022), Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Системаи бонкӣ: устуворӣ ва дурнамои рушд» (Ҷумҳурии Беларус, 2022), Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Саноатикунонии босуръат ва масъалаҳои амалигардонии он дар Тоҷикистон» (Душанбе, 2023), Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Рушди устувори иқтисодӣ: вазъият, мушкилот ва дурнамо» (Пинск, 2023) ва ғайраҳо.

**Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯи мавзуи диссертатсия муҳаққиқ 32 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 20,1 ч.ч. нашр кардааст. Аз ин шумора 19 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми дисертатия.** Сохтори диссертатсия аз рӯи мақсаду вазифаҳои дар он гузошташуда тартиб дода шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, шонздаҳ параграф, 37 ҷадвал, 51 расм, хулоса ва пешниҳодҳо, 329 номгӯй сарчашмаҳои истифодашуда, бо ҳаҷми 350 варақи матни компютерӣ иборат аст.

## ҚИСМАТИ АСОСӢ

Дар муқаддима аҳамияти мавзӯи диссертатсионӣ, дараҷаи коркарди илмии тадқиқот, робитаи тадқиқот бо барномаҳои давлатӣ (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ асоснок карда шудааст, мақсад, вазифаҳо, объект ва фарзияи тадқиқот муайян карда шудаанд, инчунин асосҳои назариявӣ-методологии тадқиқот, навоварии илмӣ, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти гузаронидашуда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот, мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот, интишорот, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия оварда шудаанд.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат»** таҳлили ретроспективии ҷузъиёти сармоягузорӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дастгоҳи категориявӣ ва консептуалии фаъолияти сармоягузорӣ оварда шудааст, инчунин шароитҳои ташаккули механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат ошкор карда шудааст.

Дар рисолаи диссертатсионӣ қайд карда мешавад, ки асоси рушди босифат ва устувори иқтисодиро пешрафти илмию техникӣ ва самти инноватсионии иқтисодиёти миллӣ ташкил медиҳад. Дар шароити рушди сусти бахши воқеӣ ва истеҳсолоти саноатӣ, ки бо коҳиши коркардҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва нерӯи инноватсионӣ ҳамроҳӣ карда мешавад, мустақилона таъмин намудани рушди босифати иқтисодӣ воқеан хеле мушкил аст. Чунин шароит зарурати таҳия ва татбиқи фаъолонаи назария ва амалияи ҷузъиёти сармоягузории рушди иқтисодӣ ва саноатиро муайян мекунанд, ки онро бе механизми самарабахши таъмини сармоягузорӣ таъмин кардан ғайриимкон аст. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои саноатикунонӣ, таъмини сармоягузории рушди саноат ва ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ авлавият доранд, олимон-иқтисодшиносони ватанӣ низ бар ин ақидаанд, ки фаъолияти сармоягузорӣ ба рушди иқтисодӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Қайд карда мешавад, ки олимон дар тамоми давраи ташаккул ва инкишофи илми иқтисодӣ зарурат ва нақши пешқадами сармоягузориро эътироф мекунанд, тафовут танҳо дар объектҳои сармоягузорӣ ва усулҳои танзими онҳо ба вуҷуд омада метавонад. Ин тасдиқ мекунад, ки байни рушди иқтисодӣ ва фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ робитаи зич вуҷуд дорад.

Дар таҳқиқи ретроспективии адабиёти иқтисодӣ доир ба мавқеъ ва аҳамияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёт нуктаҳои назари гуногунро пайдо кардан мумкин аст, бо вуҷуди ин аксарияти мутлақ нақши онҳоро ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисодӣ эътироф мекунанд (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Нақши ҷузъиёти сармоягузорӣ дар таҳқиқоти мактабҳои гуногуни иқтисодӣ**

| Мактабҳои иқтисодӣ | Давраи пайдоиш | Намояндаҳо | Тезис дар бораи нақши сармоягузорӣ | Беҳтарин соҳаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|
| Иқтисоди сиёсии классикӣ | 1776 г. | А.Смит, Ж.Б.Сэй, Дж. Милль ва диг. | Афзоиши пасандозҳо ба фаъолияти сармоягузорӣ табдил меёбад | Кишоварзӣ, саноат, тиҷорати берунӣ |
| Мактаби иқтисодии неоклассикӣ | 1870 гг. | А. Маршалл, Р.М.Солоу ва диг. | Сармоягузорӣ ҳамчун функсияи меъёри фоиз | Саноат, ПИТ |

*Идомаи ҷадвали 1*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Кейнсианизм | 1936 г. | Дж.М. Кейнс ва диг. | Сармоягузориҳо ба шуғл ва талабот таъсир мерасонанд, самараи мултипликаторӣ доранд | Саноат, бозори қоғазҳои қиматнок |
| Неокейсианизм | 1950гг. | Р. Харрод, Е. Домар ва диг. | Тақвияти накши сармоягузориҳои давлатӣ, самараи суръатбахшӣ доранд | Саноат, соҳаҳои сармоягузории ҷалбшуда |
| Муттаҳидшаии мактабҳои классикӣ ва кейнсианизм | 1980 гг. | П.Самуэльсон К.Р. Макконнелл, С. Брю ва диг. | Афзоиши ММД-и воқеӣ боиси афзоиши сармоягузории воқеӣ мегардад ва баръакс | Бозорҳои молӣ ва молиявӣ |

*Манбаъ: муаллиф тартиб додааст*

Илми муосири ватанӣ низ нақш ва аҳамияти сармоягузориро барои ба сатҳи нави рушд баровардани иқтисодиёти миллӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ таъкид мекунад. Барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ низ ба баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ нигаронида шудаанд, ва махсусан барномаҳои рушди саноат дар айни замон ба таҳияи механизми самараноки таъмини сармоягузорӣ сахт ниёз доранд. Равандҳои дарозмуддати деформатсияи соҳавӣ, коҳиши нерӯи саноатӣ, паст шудани ҷолибияти сармоягузории бахши саноат ва дигар омилҳои манфии хусусияти экзогенӣ ва эндогенӣ дошта мушкилоти амиқи сохториро ба миён оварданд, ки онҳоро бидуни таъсири оқилона ва самараноки давлат ба рушди ҳам равандҳои сармоягузорӣ ва ҳам назарияи бунёдии соҳибкорӣ дар кишвар бартараф кардан ғайриимкон аст.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ мавзӯи тадқиқоти дастгоҳи консептуалии фаъолияти сармоягузорӣ низ таваҷҷуҳи илмиро ба вуҷуд овард ва тафсирҳои гуногун дорад, ки дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2. Шарҳи асосии мафҳуми «сармоягузорӣ» дар адабиёти илмии ватанӣ**

| Сол | Муаллиф | Таъриф |
|---|---|---|
| 2001 | Разиқов В.Р., Раҳимов Ш.М., Сафаров С.Г. | сармоягузориҳои дарозмуддати сармоя дар шакли моддӣ, пулӣ ё ғайримоддӣ (моликияти зеҳнӣ) бо мақсади ба даст овардани фоида ва (ё) самараи иҷтимоӣ |
| 2004 | Тағоев Ҷ.Ҳ. | маблағгузории сармоя (дар ҳар шакли зухурот) ба соҳибкорӣ ё дигар фаъолият (бар хилофи қонунҳо ва қоидаҳои кишвар, кишвари қабулкунанда ё сармоягузор) бо мақсади ба даст овардани даромад (фоида) ё самараи иҷтимоӣ, экологӣ |
| 2008 | Бозоров Р.Б. | арзиши хусусияти моддию зеҳние, ки ба объекти фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади ба даст овардани фоида ё дигар самараи мусбӣ гузошта шудааст, ки бо хавфи муайян алоқаманд ва бо вақт маҳдуд аст |
| 2010 | Бобоев А.А. | маблағҳое (дар ҳар шакли истифодаи онҳо), ки дар истеҳсолоти кишоварзӣ такроран ҷалб карда шуда, ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат мекунанд, ва ба солимгардонии молиявии корхонаҳои кишоварзӣ, беҳтар шудани сифат ва ҳолати мелиоративии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва беҳтар гардидани шароити зиндагонии аҳолии деҳот оварда мерасонад; |
| 2011 | Убайдуллоев А.М. | гузоштани воситаҳои пулӣ ба фондҳои асосӣ ва гардони корхонаҳо (фирмаҳо), инчунин барои харидани қоғазҳои қиматнок бо мақсади ба даст овардани фоида (даромад) |

*Идомаи ҷадвали 2*

| | | |
|---|---|---|
| 2011 | Узакова Г.М. | харочотхои субъектхои иқтисодӣ ба амволи ғайриманқул, моликияти зеҳнӣ ва дороиҳои молиявӣ, ки бо мурури замон ба натиҷаҳои мусбӣ ё манфӣ дар шакли даромад ё зарар оварда мерасонанд |
| 2013 | Музаффаров Б.С. | раванд, фаъолияте, ки дар рафти он захираҳо ба харочот табдил меёбанд, бо назардошти ҳадафҳои сармоягузорон - ба даст овардани даромад |
| 2014 | Комилов С.Ҷ. | гузоштани сармоя ба ҳама гуна соҳаи фаъолият, чӣ дар дохили кишвар ва чӣ берун аз он бо мақсади ба даст овардани фоида |

*Манбаъ: муаллиф тартиб додааст*

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф мафҳумҳои асосии дастгоҳи категориявиии фаъолияти сармоягузориро ифода кардааст:

- нерӯи сармоягузорӣ - ин баҳодиҳии маҷмӯии иқтисодии субъекти хоҷагидорро (корхона, саноат, минтақа, иқтисоди миллӣ) аз нуқтаи назари татбиқи самараноки фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади ноил шудан ба рушди самаранок;

- ҷолибияти сармоягузорӣ - ин баҳодиҳии динамикӣ ва то андозае субъективии ҷузъиёти шароитҳои ниҳоят мусоид, ҳавасмандкунандаи пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ мебошад, ки барои сармоягузор қобилияти эҳтимолии ноил шудан ба мақсадҳои гирифтани фоида (самара)-ро доранд;

- иқлими сармоягузорӣ - хусусияти умумии маҷмӯи омилҳои иқтисодӣ ва ғайри иқтисодӣ мебошад, ки рушди на танҳо равандҳои сармоягузорӣ, балки ҳам рушди макроиқтисодии кишварро пешакӣ муайян намуда, то ҳадди имкон онро бо муҳити соҳибкорӣ монанд мекунад;

- фаъолияти сармоягузорӣ равандест, ки дар он субъекти дорои захираҳои сармоягузорӣ (худӣ, ҷалбшуда) онҳоро ба объекти сармоягузорӣ (асбобҳои сармоягузории худ) бо мақсади ба даст овардани фоида ва (ё) дигар натиҷаҳо дар доираи фаъолияти хоҷагидорӣ ва бо назардошти иқлими бавуҷудомадаи сармоягузорӣ маблағгузорӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳлили дастгоҳи категориявии гузаронидашуда, ки барои ҷудо кардани гуногунии консептуалӣ ва аниқ кардани мавқеи ҳар яки он дар механизми умумии фаъолияти сармоягузорӣ ва хоҷагидории сохторҳои соҳибкорӣ зарур аст, имкон дод, ки мафҳуми асосии фаъолияти сармоягузорӣ таҳия карда шавад, ки дар ҳамалоқамандӣ ва ҳамдигарро пуркунанда, инчунин ошкорсозии робитаҳои сифатӣ бо фаъолияти соҳибкорӣ асос ёфта, ба мақсадҳои умумии мазмуни ҳуқуқӣ ва шароитҳои муҳити соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ барои фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ такя мекунад.

Дар назди иқтисодиёти ватанӣ вазифаҳои хеле ҷиддӣ истодаанд, ки бо бозсозии сохторӣ алоқамананд буда, дар он ба рушди фаъолонаи соҳаҳои саноат афзалият дода мешавад. Масъалагузории саноатикунонии иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамчун мақсади чоруми стратегии рушди кишвар бо самараи интизории чунин сиёсат комилан пурра худро асоснок мекунад.

Афзоиши истеҳсолоти саноатӣ самараи мултипликаторӣ дорад, ки он дар васеъкунии пешниҳоди маҳсулот, афзоиши шуғл ва даромади аҳолӣ, пур кардани буҷет, интенсификатсия ва самти инноватсионии иқтисодиёт, боздеҳи ҳадди аксари тамоми омилҳои истеҳсолот ва ниҳоят баланд шудани дараҷа ва сифати зиндагии аҳолӣ ифода меёбад.

Нақши давлат дар давраи тағйиротҳои сохторӣ, қабули назарияҳои нав ба маротиб меафзояд, ва ҷузъиёти муҳими он таъмини шароити самаранок барои рушди сармоягузорӣ, ташаккул ва такмили механизмҳои таъмини сармоягузории ба тамоюлҳои нави рушд ҷавобгӯ мебошад.

Механизми таъмини сармоягузорӣ системаи мураккаби воситаҳо ва усулҳоеро ифода мекунад, ки ба таъмини фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади кам кардани таваккал ва таъмини устувории раванди сармоягузорӣ равона карда шудааст. Ин механизм на танҳо воситаҳои молиявӣ, балки ҳам чорабиниҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва идоракуниро низ дар бар мегирад.

Ташаккули механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ системаи усулҳо, воситаҳо ва захираҳоро ифода мекунад ва барои ҷалби сармоягузорӣ ва таъмини устувории молиявии корхонаҳо ва ташкилотҳо дар бахши саноат истифода карда шуда, наметавонад фаврӣ бошад ва хусусияти дастурӣ дошта наметавонад. Он шаклҳои гуногуни маблағгузорӣ, барномаҳои сармоягузорӣ, стратегияҳои ҷалби сармоягузорон, инчунин механизмҳои кафолати сармоягузорӣ ва таъмини даромаднокии онҳоро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, бояд даврият ва сармоягузории такрорӣ таъмин карда шаванд, ҳамаи ин мақсадҳои тӯлонӣ ва дарозмуддатро дар назар дорад, ки дар натиҷа он қонуниятҳои мувофиқ, маданияти сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ташаккул меёбанд. Дар ин замина фароҳам овардани шароит барои ташаккулёбии механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат, ки ба тамоюлҳои муосир мувофиқ аст, аҳамияти хоса дорад (расми 1).




*Манбаъ: муаллиф тартиб додааст*

**Расми 1. Шароитҳои ташаккули механизми самараноки таъмини сармоягузорӣ дар саноат**

Дар маҷмӯъ, чунин равиши комплексӣ ба таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат барои рушди фаъоли раванди сармоягузорӣ замина фароҳам меорад, бо вуҷуди ин нақши давлат ҳамчун танзимкунанда ва меъмори модели самаранок ва оптималии рушди иқтисодӣ дар шароити иқтисодиёти тараққиёбанда ҳамчун муҳимтарин муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, хулоса баровардан мумкин аст, ки заминаҳои ташаккули технологияҳои нави сармоягузорӣ барои ҷалб, таъмин ва рушди саноат пеш аз ҳама аз тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ ва ҳадафҳои стратегии саноатикунонии босуръати иқтисодиёти ватанӣ ба вуҷуд меоянд, ки тавсеа ва такмили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ниҳодҳои инфрасохтории дастгирии сармоягузорӣ, низомҳои тиҷоратикунонии сармоягузорӣ ва методологияи баҳодиҳии онҳо, дастгирии мақсаднокро барои равона кардани ҷараёни сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар тақозо мекунанд.

**Дар боби дуюм «Равишҳои методологӣ ба арзёбии механизми дастгирии сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат»** принсипҳои баҳодиҳии интегралии механизми дастгирии сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ, равишҳои методии омӯзиши арзёбии молиявию иқтисодии фаъолияти сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ, инчунин методологияи баҳодиҳии иқлими сармоягузорӣ дар саноат таҳқиқ карда шудаанд.

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки ҳангоми дар бораи самаранокии механизми сармоягузорӣ ҳамчун як раванди системасозанда ва макроиқтисодӣ сухан рондан, бо омӯзиши самаранокии лоиҳаҳои алоҳидаи сармоягузорӣ маҳдуд нашуда, бояд ба баҳодиҳии интегралии натиҷаҳои раванди сармоягузорӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуд. Дар ҳисобкунии баҳодиҳии интегралӣ

вобаста ба сатҳ ва хусусиятҳои таҳлили фаъолияти сармоягузорӣ метавонанд истилоҳоти гуногун истифода карда шаванд. Ҷузъиёти баҳодиҳии интегралии самаранокии механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар расми 2 оварда шудаанд.

| | |
|---|---|
| Самаранокии тиҷоратӣ | •ба ҳисобгирии оқибатҳои молиявии амалигардонии фаъолияти сармоягузориро пешбинӣ менамояд. Дар ин ҳолат на танҳо фоида, балки ҳам тавсеаи имкониятҳои сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузориҳои нав низ ба назар гирифта мешавад |
| Самаранокии иқтисодӣ | •ба ҳисобгирии таносуби натиҷаҳои молиявиро ба хароҷоти сарфшуда пешбинӣ менамояд, яъне асоснокии оптималии иқтисодии қарорҳои сармоягузорӣ |
| Самаранокии буҷетӣ | •ба ҳисобгирии оқибатҳои фаъолияти сармоягузориро дар буҷетҳои дахлдор пешбинӣ менамояд. Дар шароити муосир сохторҳои соҳибкорӣ ҳамчун андозсупорандагони асосӣ вазифадоранд, ки таъсири қарорҳои сармоягузории худро ба буҷет ба назар гиранд. |
| Самаранокии иҷтимоӣ | •ба ҳисобгирии таъсири раванди сармоягузориро ба тавсеаи имкониятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, самаранокии сифати зиндагии аҳолӣ ва самараи иштирокро пешбинӣ менамояд |
| Самаранокии экологӣ | •ба ҳисобгирии натиҷаҳои фаъолияти сармоягузориро барои ҳалли вазифаҳои экологӣ ва мақсадҳои рушди устувор пешбинӣ менамояд. Дар шароити муосир ин ҳам ба зарурати объективӣ ва ҳам ба бартарии рақобатпазир, махсусан барои саноат табдил меёбад |
| Самаранокии системавӣ | •ба ҳисобгирии таъсиррасониро ба инкишофи муносибатҳо дар низоми бозорӣ, такмили он, пайдоиши шаклҳои нави татбиқ, оптимизатсияи фаъолияти тамоми аппарати сохторҳои ташкилӣ пешбинӣ менамояд |

*Манбаъ: муаллиф тартиб додааст*

**Расми 2. Ҷузъиёти баҳодиҳии интегралии самаранокии механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ**

Баҳодиҳии интегралии ҳолати механизми сармоягузорӣ вазифаи иқтисодии мураккаб мебошад, ки дар занҷири методӣ-методологии маърифатӣ ҷойгир аст: равиши системавӣ → таҳлили системавӣ → баҳодиҳии интегралӣ. Мураккабии он дар коркарди сусти заминаи илмӣ-консептуалии сармоягузории ватанӣ ва нокифоя будани таҷрибаи амалӣ дар шароитҳои гуногуни ҳудудию иқтисодӣ мебошад.

Дар диссертатсия алгоритми усули арзёбии самаранокии механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат бо мақсади такмили он оварда шудааст (расми 3).




*Манбаъ: муаллиф тартиб додааст*

**Расми 3. Методикаи арзёбии самаранокии механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат**

Методологияи гузаронидани баҳодиҳии интегралии равандҳои дорои хусусиятҳо ва сатҳҳои гуногун мувофиқи меъёрҳои махсуси баҳодиҳӣ барои ҳар як ҳолати мушаххас амалӣ гардонида мешавад, аммо принсипҳои равиши методологӣ оид ба гузаронидани арзёбӣ метавонанд умумӣ бошанд ва алгоритми ягонаи амалҳоро, ки дар расми 4 оварда шудааст, ташкил кунанд.




*Манбаъ: муаллиф тартиб додааст*

**Расми 4. Принсипҳои ягонаи методологияи баҳодиҳии интегралӣ**

Ҳамин тавр, баҳодиҳии интегралии механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ бояд ба таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳо ва шароитҳое, ки ба самаранокии равандҳои сармоягузорӣ бо мақсади ошкор кардани муаммоҳо ва ташаккули сиёсати сармоягузорӣ ҷиҳати баландбардории самаранокии сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, равона карда шавад.

Баҳодиҳии молиявӣ-иқтисодӣ дар раванди асосноксозӣ ва интихоби самтҳои гуногуни маблағгузории воситаҳои худии соҳибкорон нақши муҳим мебозад, зеро муваффақияти ширкат бевосита аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза он захираҳои худро (сармоягузорӣ) оқилона истифода

мекунад. Баҳодиҳии дурусти самаранокии маблағҳои сармоягузорӣ бевосита ба манфиатҳои худи сармоягузорон таъсир мерасонад. Таҳлили нокифоя ва ё ҳисобҳои нодуруст боиси норасоии воқеии воситаҳои моддӣ, ва баъзан ҳатто талафоти сармоягузорон мегардад, аз ин рӯ баҳодиҳии молиявӣ-иқтисодии сармоягузорӣ объекти таваҷҷӯҳ ва омӯзиши ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин гуфтан мумкин нест, ки чунин таваҷҷуҳ ба такмили методологияи баҳодиҳӣ танҳо ба манфиати сармоягузорон аст, давлат ва ҷомеаи шаҳрандӣ низ дар натиҷаи муносибати нодурурст ба баҳодиҳии самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ, метавонанд аз зараровар будани лоиҳаи сармоягузорӣ ба оқибатҳои манфӣ дучор шаванд. Ин метавонад чӣ талафоти буҷет, ва чӣ талафи ҷойҳои корӣ ва даромад, талафоти номгӯи молҳои истеъмолӣ ва хизматҳо ва бисёр ҳолатҳои дигар бошад.

Дар воқеияти муосир шарти муҳими таъмини самаранокии молиявии фаъолияти сармоягузорӣ боздеҳи сармоягузорӣ бо назардошти арзиши сармоя дар вақт мебошад. Равандҳои таваррум хусусияти доимии ҳам кишварҳои тараққи карда ва ҳам рушдёбанда гардиданд, илова бар ин, прогресси илмию техникӣ суръат гирифт, ки он ба фарсудашавии маънавӣ ва давраи ҳаётии маҳсулот ва равандҳо низ таъсир мерасонад. Ҳамаи ин дар маҷмӯъ, масъалаҳои арзиши пул ва сармояро дар вақт ба мадди аввал мегузорад.

Дар кор қайд карда мешавад, ки дар шароити суст будани фаъолнокии сармоягузорӣ, номукаммалии низоми тиҷоратикунонии сармоягузорӣ ва пардохтнопазирии сохторҳо барои дастгирии сармоягузории соҳибкорӣ омили муҳими афзоиши фаъолнокии сармоягузорӣ, ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба бахши саноатии кишвар такмилдиҳӣ ва иҷрои босифати таҳлили молиявӣ-иқтисодӣ ва арзёбии фаъолияти сармоягузорӣ ва ё лоиҳа ба ҳисоб меравад. Ин на танҳо имкон медиҳад, ки мавҷудият ва «сифати» фоидаи эҳтимолии сармоягузор ва дигар иштирокчиёни манфиатдор арзёбӣ карда шавад, балки ҳам чун воситае баромад намояд, ки ба таъмини устуворӣ ва самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ, инчунин ба ҳадди ақал расонидани хавфҳои бо сармоягузорӣ алоқаманд, равона карда шудааст.

Бо дарназардошти аҳамияти масъалаи арзёбии иқлими сармоягузорӣ ҳамчун категорияи хеле мураккаб ва ҳамгирошуда, бисёре аз олимон-иқтисоддонҳо дар ин самт равишҳои мухталиферо баррасӣ ва пешниҳод кардаанд, ки истифодаи онҳо вобаста ба шароити кунунии фаъолияти муҳити иқтисодӣ метавонад тағир ёбад.

Иқлими сармоягузорӣ дар саноат хусусиятҳои хоси худро дорад, ки бо хусусиятҳои равандҳои истеҳсолӣ, инфрасохтор, заминаи молиявӣ ва илмию техникӣ, инчунин як қатор омилҳои дигар муайян карда мешаванд, ки бо назардошти ин, иқлими сармоягузорӣ дар саноат таваҷҷӯҳи махсус ва таҳияи барномаҳои комплексии ҷалби сармоягузорӣ, дастгирии инноватсия ва рушди инфрасохторро тақозо менамояд. Ин ба хулосае оварда мерасонад, ки ғайр аз нишондиҳандаҳои стандартии иқлими сармоягузорӣ, ҳамеша омилҳои субъективӣ ва контекстӣ мавҷуданд, ки ба арзёбии ниҳоии иқлими сармоягузорӣ дар низоми хоҷагидории мушаххас таъсир мерасонанд.

Қайд карда мешавад, ки таҳқиқи сохтор ва муҳтавои рейтингҳои байналмилалӣ ва равишҳои арзёбии иқлими сармоягузорӣ ошкор кард, ки дар онҳо тамоюл ба ташаккулёбӣ, пеш аз ҳама, муҳити кории самаранок ва табақаи соҳибкории босалоҳияти касбӣ дар ҷомеа равшан ба назар мерасад. Мавқеи муаллиф бо он мувофиқ аст, ки чунин равиш дар ҳалли муаммоҳои таъмини сармоягузорӣ калидӣ мебошад, дар он рушди иқтисодиёт тавассути бунёди модели самараноки «Бизнес – Давлат – Ҷамъият» комёб мешавад, ки қодир аст барои рушди минбаъдаи худ ҳам қарорҳо ва ҳам захираҳо офарида шаванд. Илова бар ин, чунин муносибат муаммоҳои бунёдии фароҳам овардани иқлими мусоиди сармоягузориро ҳал мекунад, ва метавонад ҳамчун роҳи ҳалли муфассали масъалаҳои таъмини сармоягузорӣ арзёбӣ карда шавад, зеро системаи самаранок амалкунанда, пешакӣ, дорои ҷолибияти сармоягузорӣ мебошад.

Дар рисолаи диссертатсионӣ қайд карда мешавад, ки усули арзёбии иқлими сармоягузорӣ аз муносибати маҷмӯӣ ба омӯзиш ва таҳлили нерӯи сармоягузорӣ, таваккали сармоягузорӣ ва фаъолнокии сармоягузорӣ бар меояд, ки дар натиҷаи омӯзиши он натиҷаи умумии онҳоро дар шакли арзёбии интегралии иқлими сармоягузории саноат муттаҳид кардан мумкин аст.

Қобили зикр аст, ки баҳодиҳии иқлими сармоягузорӣ тавассути нишондиҳандаи фаъолнокии сармоягузорӣ бояд хусусияти муқобил-тафтишотӣ дошта бошад ва мувофиқати натиҷаҳои таҳлили нерӯи сармоягузорӣ ва таваккалро инъикос намояд (расми 5).




*Манбаъ: муаллиф тартиб додааст*

**Расми 5. Қисматҳои таркибии иқлими сармоягузорӣ ва баҳамалоқамандии онҳо**

Дар маҷмӯъ, самтҳои рушди иқтисодиёти миллӣ, таҷдиди сохтории он, оптимизатсияи рушди соҳавӣ ва фаъолияти корхонаҳо, ки қодиранд рушди иқтисодии босифати кишварро таъмин намоянд, бо ташаккули иқлими мусоиди сармоягузорӣ ба ҳам алоқаманданд, ки баҳодиҳии он бо таҳқиқи қисмҳои таркибии он муайян карда мешавад.

**Дар боби сеюм «Таҳлил ва арзёбии фаъолияти сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** вазъи кунунии фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва заминаҳои макроиқтисодии рушди он арзёбӣ гардида, фаъолияти сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ шуда, тахлили омилӣ ва вобастагию-сабабии вазъ ва динамикаи рушди фаъолияти сармоягузори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

Фаъолнокии раванди сармоягузорӣ, моҳиятан, фаъолияти ҳаётии иқтисодиётро муайян мекунад. Ҳар чӣ қадар равандҳои васеъ кардани такрористеҳсоли капитал самарабахштар пеш раванд, ҳамон қадар дастгоҳи истеҳсолӣ ва инфрасохтории иҷтимоии кишвар бомуваффақият тараққӣ мекунад. Фаъолияти сармоягузорӣ, сохтори он, иқтидор ва сатҳи такрористеҳсоли дороиҳои молиявӣ бештар аз вазъи макроиқтисодии иқтисоди миллӣ вобаста аст.

Рушди иқтисодӣ афзоиши сармоягузориро ҳавасманд мекунад, зеро ширкатҳо имкониятҳои тавсеаи тиҷорат ва фоидаи бештарро дар оянда мебинанд. Дар баробари ин, зарур аст, ки алоқаи баръаксро ба назар гирифт, ҳангоме, ки фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ метавонад ба вазъи макроиқтисодӣ низ таъсири мусбӣ расонад. Сармоягузорӣ ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, рушди иқтисодро ҳавасманд мекунад, истеҳсолот ва талаботро ба молу

хизматрасонӣ афзоиш медиҳад. Ин дар навбати худ, боиси афзоиши ММД, беҳтар шудани сифати зиндагии аҳолӣ ва коҳиши сатҳи бекорӣ мегардад.

Вазъи макроиқтисодӣ ва афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ бо ҳам алоқаманданд ва метавонанд ба ҳамдигар таъсири назаррас расонанд (Ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Таъсири нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба фаъолияти сармоягузорӣ**

| Солҳо / Нишониҳандаҳо | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сармоягузорӣ, млн.сомони | 4669,4 | 9749,9 | 11179,7 | 11371,6 | 13361,0 | 12517,8 | 11775,5 | 15124,9 | 16655,2 |
| Таваррум, % | 9,8 | 5,1 | 6,1 | 6,7 | 5,4 | 8,0 | 9,4 | 8,0 | 4,2 |
| Бекорӣ, % | 2,1 | 2,3 | 2,3 | 2,2 | 2,1 | 2,0 | 2,1 | 2,1 | 2,1 |
| Даромадҳои аҳолӣ, млн.сомони | 13256,0 | 25569,8 | 31373,0 | 37247,5 | 41083,9 | 47986,3 | 65347,0 | 80508,8 | 95124,6 |
| Хароҷотҳои аҳолӣ, млн.сомони | 13948,5 | 34968,0 | 36711,7 | 38430,6 | 42346,4 | 48857,2 | 72555,7 | 91885,0 | 110606,2 |
| Меъёри миёнасолонаи бозтамвил, % | 8,5 | 8,0 | 9,7 | 15,1 | 14,2 | 13,7 | 11,6 | 12,1 | 11 |

*Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси «Солномаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон» тартиб дода шудааст // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – 410 с.*

Маълумоти дар ҷадвали 3 овардашуда имконияти хулоса карданро медиҳад, ки байни суръати таваррум ва ҳаҷми маблағгузориҳои асосӣ (сармоягузорӣ) робитаи зич мавҷуд аст ва ин аз он зоҳир мегардад, ки дар давраи пастшавии арзиши пул (афзоиши таваррум) ҳамчунин паст шудани фаъолнокии сармоягузорӣ мушоҳида мегардад ва дар акси ҳол - паст шудани таваррум боиси афзоиши маблағгузории асосӣ мегардад. Маълумотҳо доир ба ҳаҷми сармоягузориҳо имкон медиҳад ба хулосае биёем, ки дар давраи аз соли 2010 то соли 2022 афзоиши мӯътадили сармоягузорӣ ба иқтисодиёт ва афзоиши суръати афзоиши сармоягузорӣ пас аз соли 2015 ба мушоҳида мерасад. Дар баробари ин, дар солҳои 2019 ва 2020 коҳиши ҳаҷми сармоягузориҳои асосӣ дар муқоиса бо солҳои қаблӣ мушоҳида мешавад, аммо сабабҳои ин "нокомиҳо" табиати экзогенӣ доранд (Ковид-19, КҶМ) ва ба дигаргуниҳои дохилӣ дар иқтисоди миллӣ алоқаманд нестанд. Дар баробари ин, соли 2021 бо ҷаҳиши якбораи афзоиши сармоягузориҳои асосӣ тавсиф дода мешавад. Шояд ин омил ҳам ба комёбиҳои сиёсати иқтисодии Хукумати қумхурӣ ва ҳам ба афзоиши ҷаҳонии фаъолияти сармоягузорӣ вобаста бошад.

Ҳангоми баррасии вазъи равандҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан нақши мусбати давлат ва фаъолияти сармоягузории онро қайд кардан бамаврид аст, ки дар доираи он аз рӯи натиҷаҳои нимсолаи аввали соли 2023 82 лоиҳаи давлатии сармоягузории давлатӣ татбиқ гардида дар кишвар ба маблағи 49,1 миллиард сомонӣ (4,50 миллиард доллари ИМА) амалӣ карда мешаванд. Шумораи бештари лоиҳаҳои сармоягузории амалишаванда дар бахши энергетика ва нақлиёт рост меоянд, ки ба ҳадафҳои стратегии кишвар, ба рушди инфрасохтори энергетикӣ ва нақлиётӣ авлавиятдошта, шарҳ дода мешаванд. Чунин равиш ва тамоюли татбиқи сиёсати сармоягузории давлатиро ташвиқ накарда наметавонад ва азми сиёсатро барои ҳалли мушкилоти мавҷуда ва ноил шудан ба ҳадафҳои рушди кишвар собит месозад. Мавриди зикр аст, ки ҳиссаи асосии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар асоси

лоиҳаҳои бебозгашт (50 лоиҳа), 28 лоиҳа бо усули омехта (грантҳо ва қарзҳо) маблағгузорӣ шуда, танҳо 4 лоиҳа маблағгузории қарзӣ доранд[8].

Саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се қисми таркибӣ иборат аст: истихроҷи маъдан, истеҳсолот ва истеҳсоли нерӯи барқ, газ ва об. Ҳама самтҳои соҳаҳои саноати кишвар расман самтҳои афзалиятноки рушд эълон гардида, дар ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон аҳамияти калон доранд. Динамикаи тараққиёти соҳаҳои саноатро дар ҷадвали 4 дида мебароем.

**Ҷадвали 4. Нишондиҳандаҳои асосии рушди саноат аз рӯи соҳаҳо**

| Нишондиҳанда | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. Шумораи корхонаҳои саноатӣ | | | | | | | |
| Саноати истихроҷ (СИ) | 232 | 229 | 249 | 250 | 264 | 291 | 303 |
| Саноати коркард промышленность (СК) | 1772 | 1732 | 1806 | 1746 | 1846 | 1927 | 2318 |
| Истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ (ИТБ) | 39 | 38 | 106 | 168 | 173 | 179 | 181 |
| Ҳамагӣ | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 |
| 2. Шумораи кормандон дар истеҳсолоти саноатӣ, ҳазор нафар. | | | | | | | |
| СИ | 9,7 | 9,6 | 10,2 | 11,1 | 12,6 | 16,6 | 12,8 |
| СК | 57,6 | 60,9 | 56,5 | 59,2 | 59,3 | 58,9 | 60,1 |
| ИТБ | 13,7 | 16,4 | 18,9 | 13,9 | 12,4 | 12,8 | 13,4 |
| Ҳамагӣ | 80,9 | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,2 | 85,3 | 86,3 |
| 3. Ҳиссаи фондҳои асосии миёнасолонаи саноатӣ ва истеҳсолӣ бо % аз ҳисоби умумӣ | | | | | | | |
| СИ | 10,2 | 12,3 | 12,0 | 14,6 | 18,8 | 18,9 | 21,9 |
| СК | 62,2 | 5пя5,6 | 52,2 | 49,9 | 41,3 | 43,2 | 43,7 |
| ИТБ | 27,6 | 32,1 | 35,8 | 35,5 | 39,9 | 37,9 | 34,4 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| 4. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн.сомонӣ | | | | | | | |
| СИ | 3004 | 4524 | 4686 | 4853 | 4309 | 8409 | 8906 |
| СК | 9368 | 11776 | 13520 | 15952 | 19054 | 22313 | 26497 |
| ИТБ | 2718 | 3729 | 5688 | 6808 | 7527 | 8107 | 7622 |
| Ҳамагӣ | 15090 | 20029 | 23894 | 27613 | 30890 | 38829 | 43025 |
| 5. Индекс ҳаҷми маҳсулоти саноати бо % нисбат ба сали гузашта | | | | | | | |
| СИ | 153,6 | 121,7 | 112,0 | 112,6 | 97,4 | 155,2 | 97,3 |
| СК | 112,5 | 122,9 | 112,1 | 115,3 | 114,1 | 115,3 | 113,5 |
| ИТБ | 103,7 | 116,7 | 107,5 | 105,6 | 100,1 | 112,7 | 98,3 |
| Ҳамагӣ | 116,0 | 121,3 | 110,6 | 113,2 | 108,8 | 120,8 | 109,7 |
| 6. Сохтори соҳаҳои саноат % | | | | | | | |
| СИ | 19,9 | 22,6 | 19,6 | 17,6 | 13,9 | 21,6 | 20,7 |
| СК | 62,1 | 58,6 | 56,6 | 57,8 | 61,7 | 57,5 | 61,6 |
| ИТБ | 18,0 | 18,8 | 23,8 | 24,6 | 24,4 | 20,9 | 17,7 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

*Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар заминаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. 90 с. Мураттаб шудааст*

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 4 имконияти ба чунин хулоса омаданро медиҳад: 1) аз рӯи нишондиҳандаи якум рушди устувор дар бахши энергетика барои давраи солҳои 2016-2022 бештар аз 4,5 маротиба ва ё ба 142 корхона афзуд, ки қариб 25 %-ро афзоиши корхонаҳои саноатӣ ташкил медиҳад, ҳамчунин дар ҳудуди 25% шумораи корхонаҳои саноати истихроҷ афзудааст;

---

[8]Министерство экономического развития и торговли Республики Таджикистан //Экономика Таджикистана: стратегия развития. Душанбе. 2023. – С. 45.

2) нишондиҳандаи дуюм дар маҷмӯъ бо арзишҳои устувор дар саноат ва дар соҳаҳои он нисбатан хусусияти устувор дошта самти ҳаракаташон зигзагшакл аст ва дар давраи таҳқиқшаванда кормандони истеҳсолотии маҳсулоти саноатӣ 5,4 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз он 3,1 ҳазор нафар ба корхонаҳои саноати истихроҷ ва 2,5 ҳазор нафар ба соҳаи коркард рост меояд, дар ҳоле ки шумораи кормандони соҳаи энергетика ба миқдори 0,3 ҳазор нафар кам шудааст ва бо дарназардошти афзоиши назарраси корхонаҳои ин бахш, ин натиҷаро норавшан арзёбӣ кардан мумкин аст; 3) дар сохтори фондҳои асосии миёнасолонаи саноатӣ-истеҳсолӣ ҳиссаи бахши истихроҷи маъдан 11,7 % ва энергетика 6,8 % афзуда, дар саноати коркард тамоюли манфии 18,5 %-ро ташкил дод; 4) нишондиҳандаи чорум дар тамоми давраи таҳқиқшаванда дар маҷмӯъ барои саноат афзоиши устуворро дар ҳудуди 2,8 маротибаро нишон медиҳад, ки дар ин маврид дар соҳаҳои истихроҷи маъдан, саноат ва энергетика дар тамоми давра ҳаҷми истеҳсол якмаром 2,8-2,9 маротиба афзуд; 5) нишондиҳандаи панҷум дар давраи солҳои 2016-2022 ҳам дар соҳаҳои алоҳида ва ҳам дар соҳаи саноат тамоюлоти назаррасро нишон медиҳад, ки дар охири давраи таҳқиқшаванда боиси паст шудани ин нишондиҳандаҳо мегардад; 6) дар сохтори саноат таносуби ҳиссаи нисбӣ дар соҳаҳои асосӣ тағйироти ҷиддиро нишон намедиҳад.

Дар рисола қайд карда шудааст, ки саноати коркард ҳамчун тавлидкунандаи ҳиссаи бузургтари арзиши иловашуда ва истеҳсолкунандаи потенсиалии маҳсулоти ниҳоӣ дар даврони дарозмуддат афзалият дорад ва бахши энергетика ҳамчун соҳаи стратегӣ, даромаднoктарин ва ба содирот нигаронидашуда аст, илова бар ин, хусусияти дорои “сабз”-и ҷузъи технологии он низ ба ҷолибияти сармоягузории он мусоидат мекунад. Ин нуктаҳоро маълумотҳои расми 6 равшан нишон медиҳанд.




*Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти ЧТ, 2023. – 66 с.*

**Расми 6. Динамикаи маблағгузориҳои асосӣ аз руи соҳаҳои саноат**

Дастрасӣ ба ҳадафҳои афзун кардани истеҳсоли маҳсулотии саноатӣ ва саноатикунонӣ зиёд кардани маблағгузориро ба объектҳои истеҳсолӣ талаб мекунад. Дар рисола дар ин замина таҳлил гузаронида маълум гардид, ки дар давраи аз соли 2017 то соли 2022 бузургии нишондиҳандаи маблағгузорӣ ба объектҳои ғайриистеҳсолӣ афзоиши устувор дошта, дар як вақт бузургии нишондиҳандаи маблағгузорӣ ба объектҳои истеҳсолӣ хусусияти зигзагшаклро дорад ва дар ниҳоят барои давраи таҳқиқшуда тафовут ба фоидаи объектҳои ғайриистеҳсолӣ буда 558 млн. сомониро ташкил медиҳад. Чунин бузургиҳои нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти сармоягузорӣ дар доираи ҳадафҳои саноатикунонӣ ғайриқаноатбахш арзёбӣ мешаванд ва аз тақсимоти бесамари сармоягузорӣ шаҳодат дода метавонад.

Накши сохторҳои соҳибкорӣ дар рушди саноат ва дастгирии сармоягузории он дар расми 7 баррасӣ шудааст.




*Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти ҶТ, 2023. – 66 с.*

**Расми 7. Динамикаи маблағгузориҳои асосӣ аз руи намудҳои моликият**

Маълумоти дар боло овардашуда бартарияти бахши хусусиро нисбат ба бахши давлатӣ дар равандҳои сармоягузорӣ равшан инъикос мекунад. Ҳамзамон, тамоюли ҳамаи хатҳи каҷ бо давраҳои якхелаи афзоиш ва коҳиш тавсиф дода мешаванд, ки боз ба соли пандемияи 2020 рост меоянд. Қайд карда мешавад, ки барои хатҳои каҷи сектори хусусӣ ва сармоягузории хориҷӣ бо болоравии босуръат тавсиф мешаванд, ки ин боз ҳам аз вокуниши мобилии бахши хусусӣ ба тағйироти шароити иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Ин тавсифҳо аз самаранокии сохторҳои соҳибкорӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар рушди соҳаҳои иқтисодиёт ба онҳо нақшҳои асосии одилона гузошта шудаанд.

Рушди раванди сармоягузорӣ ва беҳтар гаштани фазои сармоягузорӣ маъмулан бо ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёт алоқаманд буда, саҳми он дар рисола мавриди таҳлил қарор гирифта, коҳиши ҳиссаи сармоягузории хориҷӣ дар ҳаҷми умумии ҳамаи сармоягузориҳо ошкор гардид. Ҳамин тариқ, дар соли 2015 сармоягузории хориҷӣ 36,7% аз ҳаҷми умумии сармоягузориро ташкил дода, соли 2022 саҳми онҳо то 29,1% коҳиш ёфт. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, метавонад бо коҳиши ҷолибияти сармоягузории иқтисоди миллӣ барои сармоягузорони хориҷӣ тавсиф карда шавад.

Дар рисола методологияи таҳлили миқдорӣ ва сифатии вазъи фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи макро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст (Ҷадвалҳои 5-6).

**Ҷадвали 5. Нишондиҳандаҳои миқдории арзёбии фаъолияти сармоягузорӣ**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маблағгузориҳои асосӣ, ҳамагӣ млн.сомонӣ | 9749,9 | 11179,7 | 11371,5 | 13360,9 | 12517,7 | 11775,5 | 15124,9 | 16655,1 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | |
| Давлатӣ | 3445,9 | 4399,8 | 5013,7 | 6468,7 | 6261,4 | 5714,3 | 6174,2 | 6713,9 |
| Ғайридавлатӣ | 6304 | 6779,8 | 6357,8 | 6892,2 | 6256,3 | 6061,2 | 8950,7 | 9941,2 |
| Сармоягузории хориҷӣ, млн.сомони | 3583,4 | 4606,2 | 4462,0 | 4369,4 | 3069,1 | 2841,4 | 4204,8 | 4857,6 |

*Идомаи ҷадвали 5*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сармоягузорӣ ба саноат, млн.сомонӣ | 4482,0 | 5682,3 | 6118,6 | 7974,2 | 6119,6 | 5683,5 | 5649,5 | 5731,5 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи сармоягузорӣ ба соҳаи саноат аз ҳаҷми умумӣ, % | 45,9 | 50,8 | 53,8 | 59,6 | 48,8 | 48,2 | 37,3 | 34,4 |
| Ба истифода додани фондҳои асосӣ, млн.сомонӣ | 4129,4 | 5406,5 | 6678,5 | 4859,3 | 7033,3 | 7266,7 | 5561,3 | 5803,3 |
| Сармоягузорӣ бар сариаҳолӣ, сомони | 1147 | 1280 | 1277 | 1468 | 1345 | 1213 | 1543 | 1665 |
| Индекси маҳсулнокии меҳнат дар саноат, % назар ба соли гузашта | 100 | 116,0 | 101,9 | 107,3 | 108,0 | 105,7 | 124,3 | 109,6 |

*Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси Саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. 90 с., Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти ҶТ, 2023. – 66 с.*

Сарфи назар аз динамикаи мусбати ин нишондиҳандаҳо, дар бораи самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ ҳарф задан душвор аст, зеро афзоиши нишондиҳандаҳо бузургиҳои назаррас надоранд ва инчунин бо ноустувории баланд ба омилҳои беруна тавсиф мешаванд, ки онро ҳам падидаи мусбат арзёбӣ кардан мумкин нест. Ҳамчунин бояд таъкид кард, ки сармоягузории хусусӣ нисбат ба сармоягузории давлатӣ хеле бартарӣ дорад, ки ин бори дигар нақши ҳалкунандаи сохторҳои соҳибкорӣ дар рушди иқтисодиёт ва махсусан саноатро таъкид мекунад.

**Ҷадвали 6. Нишондиҳандаҳои арзёбии сифатии самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД, млн. сомонӣ | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 98910,7 | 115000 |
| Сатҳи афзоиши ММД, % | 106,0 | 106,9 | 107,1 | 107,6 | 107,4 | 104,4 | 109,2 | 107,5 |
| Ҳиссаи саноат дар ММД,% | 15,1 | 16,9 | 19,9 | 21,2 | 21,2 | 23,1 | 23,8 | 17,0 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн.сомонӣ | 16770 | 19650 | 23835 | 26365 | 29841 | 32467 | 39221 | 43025 |
| Сатҳи афзоиши маҳсулоти саноатӣ, % | 111,3 | 117,0 | 121,3 | 110,6 | 113,2 | 108,9 | 120,8 | 109,7 |
| Сатҳи афзоиши сармоягузориҳо ба иқтисодиёт, % | - | 114,6 | 101,7 | 117,4 | 93,6 | 94,0 | 128,4 | 110,1 |
| Сатҳи афзоиши сармоягузориҳо ба саноат, % | - | 126,7 | 107,6 | 130,3 | 76,7 | 92,8 | 99,4 | 101,4 |
| Чандирии сармоягузории ММД | - | 0,6 | 0,2 | 0,9 | -0,8 | -1,3 | 3,0 | 1,3 |
| Чандири сармоягузории истеҳсолоти саноатӣ | - | 0,9 | 0,3 | 2,8 | -1,7 | -0,8 | -0,02 | 0,1 |
| Бақияи қарзи кредиторӣ ва дебиторӣ, млн.сомони | - | -11235,4 | -21987,8 | -27645,8 | -39762,5 | -60854,2 | -9519,9 | -22738,2 |
| Чандири сармоягузории маҳсулнокии меҳнат дар саноат | - | 1,6 | 4 | 4,1 | -2,9 | -1,2 | -0,02 | 0,1 |
| Индекси нархҳои истеҳсолкунандагон дар саноат,% | 104,0 | 106,7 | 109,4 | 102,1 | 102,1 | 103,1 | 104,1 | 99,6 |

*Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст // Маҷмӯаи оморӣ – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. 90 с., Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Омор ҷамъоварӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти ҶТ, 2023. – 66 с.*

Таҳлили маълумоти ҷадвали 6 ба мо имконияти хулосаброриро медиҳад, ки оқибатҳои пандемия ба саноат ва иқтисодиёт таъсири қавӣ дорад. Сарфи назар аз афзоиши мӯътадили ММД ҳатто дар давраи пандемия, он ба ҳар ҳол коҳиши суръати афзоишро дар байни солҳои 2010 ва

2020 нишон медиҳад. Агар ММД ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ҳатто дар он давраи душвор арзишҳои мусбатро нигоҳ дошта тавониста бошад, пас суръати афзоиши маблағгузории асосӣ дар соҳаҳо ва умуман иқтисодиёт бо бузургиҳзои манфӣ хос аст.

Дар тадқиқоти диссертатсия таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ барои таҳлили омилҳои рушд ва динамикаи фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти ватанӣ истифода шудааст. Ба сифати тағйирёбандаи вобаста нишондиҳандаи маблағгузории асосӣ барои тамоми кишвар ба назар гирифта шуда, бисёр тағйирёбандаҳои новобаста барои муайян кардани алоқамандӣ ва муайян кардани онҳо ҳамчун омилҳои таъсиркунанда ба назар гирифта мешаванд, ки ба сифати нишондиҳандаи зиччии алоқамандӣ коэффисиенти коррелятсияи ҷуфт ҳамчун истифода шуда, модели коррелятсияи ҷуфт шакли $y = f(x)$ – ро хоҳад дошт, ки дар он, дар он ҷо у - (аломати натиҷавӣ) сармоягузории асосӣ (сармоягузорӣ) ва х - (аломати омилӣ) мебошад.

Натиҷаҳои таҳлили алоқамандии омилҳо дар шакли матритсаи коэффисиентҳои коррелятсияи ҷуфт дар ҷадвали 7 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 7. Ҷадвали коэффисиентҳои коррелятсияи ҷуфт**

| | Сармоягузорӣ ҳамагӣ, млн. сомони | ММД, млн. сомонӣ | Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ | Даромади аҳолӣ, млн. сомонӣ | Харочоти аҳолӣ, млн. сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| ММД, млн. сомонӣ | 0,9795 | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ | 0,9370 | **0,9744** | | | |
| Даромади аҳолӣ, млн. сомонӣ | 0,9300 | **0,9780** | 0,9890 | | |
| Харочоти аҳолӣ, млн. сомонӣ | 0,9228 | **0,9722** | 0,9759 | 0,9956 | |
| Импорт, млн. дол. ИМА | 0,7585 | **0,7441** | 0,6331 | 0,6684 | 0,6833 |

*Манбаъ: аз ҷониби муаллиф ҳисоб карда шудааст*

Аломати натиҷавӣ – Маблағгузории асосӣ ба иқтисодиёт бо аломатҳои омилии– ММД; ҳаҷми маҳсулотии саноатӣ; даромади аҳолӣ; хароҷоти аҳолӣ ва воридот зич алоқаманд аст.

Дар асоси ин модели регрессияи маҷмӯии хаттӣ сохтан мумкин аст, ба шарте ки мааммои мултиколлинеарӣ вуҷуд надошта бошад. Муаммои бисёрколлинеарӣ ин робитаи мутақобилаи аломатҳои омилӣ мебошад, ки ҳангоми бартараф кардани он шарҳи нокифояи омилҳои модели зеринро ба вуҷуд меорад:

$$\boldsymbol{Y=a+bx_1+cx_2+dx_3+ex_4} \qquad (1)$$

Мувофиқи маълумотҳои ҷадвали 7 ҳамаи нишондиҳандаҳои омилӣ бо ҳам алоқаманданд, яъне коэффитсиентҳои сутуни дуюми ҷадвал ба як наздиканд, ки метавонанд боиси мушкилоти мултиколлинеарӣ шаванд.

Ҳамин тариқ, мо аломатҳои омилии ММД ва хароҷоти хонаводаро аз модели регрессионии маҷмӯи хориҷ мекунем ва модели регрессионии зеринро месозем:

$$\boldsymbol{Y=b_1x_1+b_2x_2+b_3x_3+\varepsilon} \qquad (2)$$

Дар куҷо: Y- Маблағгузории асосӣ, млн. сомонӣ; $x_1$-ҳаҷми маҳсулотии саноатӣ, млн. сомонӣ; $x_2$ - даромади аҳолӣ, млн. сомонӣ; $x_3$ - воридот, млн. долл. ИМА.

Дар асоси маълумотҳои дар ҷадвали 6 овардашуда модели регрессионии бисёромиларо таҳия мекунем:

$$Y=0{,}06x_1+0{,}14x_2+0{,}75x_3+\boldsymbol{\varepsilon} \qquad (3)$$

Коэффитсиенти назди $x_1$ ба 0,06 буда, маънои онро дорад, ки бо афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба 1 млн. сомонӣ аломати натиҷавӣ (маблағгузории асосӣ) 0,06 млн. сомонӣ меафзояд,

агар омилҳои дигар бетағйир монанд. Коэффитсиенти назди $x_2$ ба 0,14 баробар буда, маънои онро дорад, ки бо афзоиши даромади аҳолӣ ба 1 млн. сомонӣ аломати натиҷавӣ (маблағгузории асосӣ) ба 0,14 млн. сомонӣ меафзояд, ҳангоми бетағйир будани омилҳои боқимонда. Коэффитсиенти назди $x_3$ ба 0,75 бароба буда, маънои онро дорад, ки ҳангоми бо афзоиши воридот ба 1 миллион доллари ИМА аломати натиҷавӣ-маблағгузории асосӣ ба 0,75 млн сомонӣ мефзояд, ҳангоми омилҳои дигар бетағйир будан. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки маблағгузории асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи омили воридот чандиртар аст.

Модели регрессионии бисёромила (3) дорои хусусиятҳои қобили қабули оморӣ, аз қабили коэффисиенти коррелятсияи маҷмӯӣ, коэффисиенти детерминатсияи маҷмӯӣ, F- критерияи Фишер ва t-омори Студент буда, метавонад барои таҳлил ва пешгӯии сармоягузориҳои асосӣ тахти таъсири оломатҳои омилии омилҳои баррасишуда тавсия дода шавад.

Умуман, таҳлили омилҳои маълумот ба мо имкон медиҳад, ки як қатор нишондиҳандаҳоеро муайян кунем, ки байни онҳо робитаи зич вуҷуд дорад. Бо дарназардошти динамикаи имрӯзаи рушди иқтисодиёти миллӣ ва маҷмӯи омилҳои муайяншуда ба фаъолияти сармоягузорӣ пешгӯии маблағгузории асосӣ ба иқтисодиёт барои 10 сол то соли 2032 тартиб дода шуд.

Умуман, таҳлили омилии маълумотҳо имконият медиҳанд, ки як қатор нишондиҳандаҳоеро муайян кунем, ки байни онҳо робитаи зич вуҷуд доранд. Бо дарназардошти динамикаи рушди иқтисодиёти миллӣ ва маҷмӯи омилҳои муайяншуда ба фаъолияти сармоягузорӣ дурнамои маблағгузории асосӣ ба иқтисодиёт барои 10 соли оянда то соли 2032 тартиб дода шуд.

$$Y = 767{,}96t - 1538122{,}825 \quad \text{- Модели қатори вақтӣ} \qquad (10)$$

***R² = 0,941*** - Коэффисиенти детерминтсия - Сифати модели сохташуда

*Y* -сармоягузории асосӣ, *t*-солҳо.

Дар модели (10) солҳои минбаъдаро ба ҷои *t* гузошта ва пешгӯии маблағгузории асосиро то соли 2032 ҳосил менамоем (расми 8).




*Манбаъ: аз ҷониби муаллиф ҳисоб карда шудааст*

**Расми 8. Пешгӯии маблағгузории асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешгӯии иҷрошуда бо афзоиши мунтазами сармоягузориҳои асосӣ ба иқтисодиёти кишвар тавсиф мешавад, аммо суръати ин афзоишро қаноатбахш арзёбӣ кардан мумкин нест ва дар давраи аз соли 2022 то соли 2032 афзоиш метавонад 134 фоизро ташкил диҳад. Ба ҳисоби миёна

ин афзоиш дар як сол 3,4 фоизро ташкил медиҳад. Агар ин афзоишро бо афзоиши солонаи аҳолии кишвар, ки тақрибан 2,6 фоизро ташкил медиҳад, муқоиса кунем, пас метавон гуфт, ки барои баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ заминаҳои ҳадди ақал вуҷуд доранд. Табиист, ки ин гуна динамикаро оптималӣ ё самаранок ҳисоб кардан мумкин нест. Барои ноил шудан ба мақсадҳои ба миён гузошташуда талошҳоро оид ба баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ, ҷустуҷӯи захираҳо ва механизмҳои дастгирии сармоягузорӣ барои рушди ҳам иқтисодиёти миллӣ ва ҳам дар маҷмӯъ саноат пурзӯр кардан зарур аст.

**Дар боби чорум «Заминаҳои ташаккули механизми дастгирии сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат»** асосҳои консептуалии сиёсати саноатию-сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили фаъолияти сохторҳои соҳибкорӣ дар соҳаи саноат дар асоси истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, муносибати диверсификатсионӣ ба ташаккули механизми дастгирии сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат таҳқиқ карда шуданд.

Дар таҳқиқот қайд карда мешавад, ки бо дарназардошти афзалиятҳои рушди соҳаҳои саноат ташаккул ва амалигардонии сиёсати саноатӣ барои таъмини рушди иқтисодӣ, ҳалли масъалаҳои макроиқтисодии иқтисодиёти миллӣ ва дар маҷмӯъ имконпазир гардонидани ишғоли мақоми сазоворро дар системаи иқтисодии ҷаҳонӣ шарти муҳим мебошад. Дар ин замина таъкид мешавад, ки рушди истеҳсолоти саноатӣ ҳамчун бахши воқеии иқтисодиёт чӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва чӣ дар амал бевосита ба сармоягузорӣ вобаста аст. Бинобар ин, сухан дар бораи рушди сиёсати саноат ҳамчун тадбирҳои дастгирии давлатӣ ва рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, бояд ба манбаъҳои таъминоти захиравию молиявӣ барои татбиқи тадбирҳои эҳтимолии мусоидат ба рушди саноат дар кишвар ва дар ин хусус истифодаи истилоҳи «сиёсати сармоягузорӣ ва саноатӣ» бештар муҳимтар мегардад.

Қайд карда шуд, ки варианти муваффақтарин дар татбиқи сиёсати сармоягузорӣ ва саноатии давлат ҷалби тамоми иштирокчиёни фазои иқтисодии иқтисоди миллӣ мебошад (расми 9).

Давлат

•**Функсияҳо**
• таҳия ва тасдиқи дурнамои давлатӣ, консепсияҳо, стратегия ва барномаҳои рушди саноат;
• Муайян кардани мацомоти ваколатдор оид ба татбиц ва мониторинги ИНИ;
• муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди саноат;
• **Манфиатҳо**:
• беҳтар намудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ;
•таъмини амнияти иқтисодӣ;
• такони ба рушди инноватсия нигаронидашуда;
•ба вуҷуд омадани самараи мултипликаторӣ ва вусъати дигар соҳаҳои саноат.

Соҳибкорон

• **Функсияҳо**:
• баланд бардоштани фаъолияти соҳибкорӣ;
• омӯзиши заминаи меъёрӣ;
• баланд бардоштани саводнокии соҳибкорӣ ва таҳлили молиявӣ;
• ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, дастгирии барномаҳо ва нақшаҳои давлатӣ.
• **Манфиатҳо**:
• афзоиши даромаднокии корхонаҳо;
• баланд бардоштани рақобатпазирӣ;
•афзоиши арзиши худи бизнес;
• баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ.

Шаҳрвандон

• **Функсияҳо:**
• иҷрои ӯҳдадориҳо дар профилҳои касбии худ;
• омӯзиш;
• баланд бардоштани саводнокии молиявӣ;
• баланд бардоштани самаранокии қарорҳои иқтисодӣ;
• **Манфиатҳо:**
• афзоиши даромад;
• ба даст овардани ҷойҳои нави корӣ;
• беҳтар намудани шароити меҳнат;
• имконияти амалисозии эҷодӣ.

*Манбаъ: таҳияи муаллиф*

**Расми 9. Иштирокчиёни сиёсати сармоягузорӣ-саноатии кишвар**

Ҳангоми таҳияи сиёсат оид ба дастгирии ин ё он соҳаи муайян зарур аст, ки объектҳое, ки ба онҳо дастгирии давлатӣ татбиқ карда мешавад, дақиқ карда шаванд. Саноат ҷанбаи пайвасткунанда ва мураккаби системаи хоҷагии халқ буда, муносибати васеъро дар муайян кардани объектҳои дастгирии давлатӣ талаб мекунад. Чунин доираи ҳамаҷонибаи объектҳои дастгирии давлатӣ аз ҷониби ҳадафҳо ва мушкилоте муайян карда мешавад, ки сиёсати самараноки сармоягузорӣ ҳал мекунад. Вобаста ба ин, асосҳои консептуалии сиёсати сармоягузорӣ ва саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дида мебароем (расми 10).




*Манбаъ: аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст*

**Расми 10. Асосҳои консептуалии сиёсати сармоягузорӣ-саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Айни замон дар шароити ватанӣ яке аз воситаҳои асосӣ ва муҳимтарини баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ метавонад шарикии давлат ва бахши хусусӣ бошад. Дар марҳилаи кунунӣ бидуни истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ рушди пурраи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ ва саноатӣ барои бахши хусусӣ хеле мушкил хоҳад буд. Илова бар ин, истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ рушди фаъоли лоиҳаҳои иқтисоди “сабз”

ва “рақамӣ”-ро таъмин мекунад. Иштироки давлат дар чунин лоиҳаҳои инноватсионӣ ва иҷтимоӣ нигаронидашуда эътимоди сармоягузоронро ба таври назаррас афзоиш медиҳад ва кафолат медиҳад.

Истифодаи таҷрибаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ бештар дар соҳаҳои марбут ба хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ мушоҳида мешавад ва механизми татбиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ҳанӯз дар иқтисодиёти мо падидаи нав аст. Аммо бо дарназардошти воқеиятҳои муосир маҳз соҳаи саноат тамоми заминаҳоро дорад, то омили рушди ин шакли шарикӣ дар Тоҷикистон гардад (Расми 11).




*Манбаъ: аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст*

**Расми 11. Механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат**

Дар рисола қайд карда мешавад, ки бо дарназардошти таносуби имрӯзаи ҳиссаи давлат ва сектори хусусӣ дар саноат (мувофиқан 6,4 % бар 93,6 %) ба ташкили корхонаҳои нави саноатӣ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ диққат додан лозим аст. Дар базаи корхонаҳои фаъолияткунандаи саноатӣ комплекси энергетикӣ ва корхонаҳои коркарди саноатӣ, ки ҳиссаи нисбии моликияти давлатӣ ҳануз ҳам калон аст, ҷолиби диққат буда метавонад.

Дар партави татбиқи сенарияи инноватсионии СМР - 2030 якҷоя кардани кӯшишҳои давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои илмталаб, аз қабили мошинсозӣ, рушди паркҳои технологӣ ва ташаккули заминаи илмии тараққиёти саноат мубрам буда метавонад. Дар муҳити тиҷорат яке аз

мушкилоти муҳимтаринро аксар вақт нарасидани кадрҳои баландихтисоси инженерию техникӣ меноманд. Дар ин замина якҷоя тараққӣ додани институтҳои гуногуни илмӣ-тадқиқотиро дар заводу фабрикаҳои калон ва минтақаҳои саноатӣ кайд кардан бамаврид мебуд.

Қайд карда мешавад, ки истифодаи равиши диверсификатсия дар ташаккули механизми дастгирии сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат таҳияи механизми дастгирии сармоягузориро дар асоси омӯзиш ва таҳияи сарчашмаҳои сершумори дастгирии молиявии фаъолияти сармоягузорӣ дар назар дорад. Механизмеро ташаккул додан лозим аст, ки ба давраи дарозмуддат нигаронида шуда, қобилияти мутобиқ шудан ба тағйироти шароити бозорро дошта, бо мақсади дастгирии доимии раванди сармоягузорӣ такмил ва инкишоф ёбад. Механизми таъмини сармоягузорӣ бояд хусусияти худкифоягиро дошта бошад, сармоягузориҳои ҷалбшуда бояд хусусияти дарозмуддат дошта бошанд, барои ин эҷоди ҳавасмандгардонии ҷолибият нокифоя аст, бояд ҳавасмандгардониро барои азнавсармоягузории фоида ба даст омада ташаккул додан лозим аст. Барои рушди соҳаҳои саноат ин хосиятҳои механизми дастгирии сармоягузорӣ ҳатмӣ мебошанд, чунки ноил шудан ба ҳадафҳои саноатикунонии иқтисодиёт бо фаъолияти кӯтоҳмуддати сармоягузорӣ таъмин карда намешавад, механизми сармоягузорӣ дар шароити ҳавасмандгардонии равандҳои азанавсармоягузорӣ самарабахш буда метавонад.

Сатҳи саводнокии ҳамаи иштирокчиёни равандҳои сармоягузорӣ муҳим аст. Дар айни замон, соҳибкорон ва давлат барои ҷалби сармоя ба модели базаҷӣ нигаронида шудаанд, ки дар он сармоягузор (бизнес ё ташкилоти байналмилалии молиявӣ) воситаҳои молявиро барои рушд ҷудо мекунад. Ташаккули моделҳои мураккабтаре, ки ба доираи васеи сармоягузорон нигаронида шудаанд истифодаи ҷаҳду талошҳои зиёд, дониш ва таҷрибаи бештарро талаб мекунад. Ҳамаи ин дар маҷмуъ на танҳо ба пайдоиши манбаъҳои алтернативии дастгирии сармоягузорӣ, балки ба баланд шудани сатҳи умумии саводнокии молиявӣ ва касбӣ мусоидат хоҳанд кард. Воқеияти муосир бо пайдоиши ҳарчи бештари моделҳо ва шаклҳои инноватсионии шарикӣ, ҳамгироии сармоя, амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ хусусиятнок буда, дар ин маврид ҳамаи онҳо ба принсипҳои самаранок ва оқилонаи тақсим ва ҷо ба ҷо гузории захираҳо асос ёфтаанд, ки муваффақияти системаи иқтисодиро муайян мекунанд.

Ба инкишофи моделҳои гуногуни маблағгузорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ҳамчунин тамоюлҳои ҷаҳонии марбут ба ҷаҳонишавӣ, рақамисозӣ, пешрафти илмию техникӣ ва инноватсия, рушди шабакаҳои виртуалӣ, барномаҳои экологӣ ва сармоягузории муассир таъсири сахт мерасонанд. Мисоли зуҳури падидаи нав дар соҳаи таъмини сармоягузорӣ краудфандинг мебошад, ки механизми нисбатан нав ва фаъолона инкишофёбандаи ҷалби маблағҳои сармоягузорон тавассути платформаҳои махсуси рақамиро ифода менамояд, дар ҳоле ки ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам ҳуқуқӣ метавонанд қарзгиранда ва ҳам сармоягузор бошанд. Дар баробари ин, маблағҳои ҷалбшуда ҳам дар шакли қарз ва ҳам дар шакли ҳисса дар сармояи оинномавӣ ба расмият дароварда шуда, подошҳои молиявӣ ва ғайримолиявиро дар назар дошта метавонад.

Ҷорӣ намудани равиши диверсификатсия дар ташаккули механизми дастгирии сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки тавассути гуногунрангии сарчашмаҳо ва усулҳои ҷалби захираҳои молиявӣ мушкилоти асосии вобаста ба норасоии сармоягузорӣ ҳал карда шавад. Ҷорӣ намудани чунин гуногуннамудии манбаъҳои маблағгузорӣ дахолат ва дастгирии фаъоли давлатиро талаб мекунад, ки пеш аз ҳама бо фароҳам овардани заминаи меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи шаклҳои нави муносибатҳои иқтисодӣ, алоқаманд аст (Расми 12).




*Манбаъ: муаллиф тартиб додааст*

**Расми 12. Механизми диверсификатсияи сармоягузорӣ дар саноат**

**Дар боби панҷум «Механизми маҷмӯии дастгирии сармоягузорӣ ба саноат»** афзалиятҳои стратегии ташаккули механизми дастгирии сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат, рушди маркетинги сармоягузорӣ ҳамчун шарти тақвияти дастгирии сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат, самтҳои асосии инкишофи бозори когазҳои киматнок дар шароити дастгирии сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат, инчунин такмили механизми тақсими фоидаи сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат ҳамчун манбаи сармоягузорӣ асоснок карда шудаанд.

Афзалиятҳои стратегӣ, ки ҷузъҳои асосии механизми пешниҳодшудаи дастгирии сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат мебошанд, дар расми 13 баррасӣ шудаанд.

Афзалиятҳои стратегии ташаккули механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат

Сиёсати сармоягузорӣ-саноатӣ: заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва иқтисодӣ

Фаъолнокии соҳибкорӣ: субъектҳои асосии бозорӣ ва хоҷагидорӣ

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ: муколамаи байни давлат ва соҳибкоронро ба роҳ монда кафолат медиҳад

Бозори коғазҳои қиматнок: ҷузъи бунёдии бозори сармоя ва индикатори рушди сармоягузорӣ

Диверсификатсияи маблағгузории механизми таъмини сармоягузорӣ: имкониятҳои ҷалби сармоягузориро васеъ намуда, хавфҳоро коҳиш медиҳад

Маркетинги сармоягузорӣ: фаъолияти сармоягузориро бо механизми бозор ҳамоҳанг месозад, хавфҳо ба эътибори худро коҳиш медиҳад

Азнавсармоягузории фоида дар саноат: функсияи давравӣ ва такрористеҳсолии механизми дастгирии сармоягузориро таъмин мекунад

*Манбаъ: аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст*

**Расми 13. Афзалиятҳои стратегии ташаккули механизми дастгирии сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат**

Механизми комплексии дастгирии сармоягузории саноат, ки ба мақсадҳои мубрам ва вазифаҳои иқтисоди миллӣ ҷавобгӯ аст истифода ва татбиқи мунтазами тадбирҳо ва воситаҳои танзими давлатиро талаб мекунад, ки онҳоро шартан ба се самти асосӣ гуруҳбандӣ кардан мумкин аст: воситаҳои танзими институтсионалӣ-ҳуқуқӣ; воситаҳои таъминоти ташкилӣ; воситаҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ, ки мазмуни онҳо дар нақшаи 14 оварда шудааст. Сиёсати фаъоли давлатӣ тавассути ин воситаҳо ба рушд ва таъмини сармоягузории саноат бо дарназардошти ҷорӣ намудани иқтидори технологияҳои баланди рақамӣ мусоидат намуда, ҳамгироии инноватсионӣ ва рушди саноатиро таъмин менамояд, робитаҳои илм, соҳаи маориф ва истеҳсолоти саноатиро таҳким мебахшад ва имкон медиҳад ки, дар ин замина рушди экосистемаи инноватсионии миллӣ дар ҷумҳурӣ оғоз карда шавад.




*Манбаъ: аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст*

**Расми 14. Воситаҳои ташаккули механизми сармоягузорӣ дар саноат**

Ташаккули механизми самараноки таъмини сармоягузории саноат мавҷудияти сохтори ташкилӣ-институтсионалиро дар назар дорад, ки дар заминаи он фаъолият хоҳад кард. Моҳияти

ин сохтор ё низоми ташкилӣ-институтсионалӣ аз тақвият бахшидани захираҳои молиявӣ, интихоби лоиҳаҳои афзалиятноки саноатӣ барои маблағгузории минбаъда, самт, ҷойгир намудани захираҳои сармоягузорӣ ва назорати саривақтӣ ва пурра баргардонидани сармояи гузошташуда иборат аст. Маблағгузории лоиҳаҳое, ки ба рушди саноат ва махсусан соҳаҳои инноватсионӣ ва баландтехнологӣ нигаронида шудаанд ва аҳамияти умумииқтисодӣ ва стратегӣ доранд ва иқтидори истеҳсолии комплекси саноатии кишварро ба сатҳи нави техникӣ-технологӣ боло мебаранд, муддати тӯлонии бозпардохт доранд, ки дар тамоми давраи ба амал баровардани он назорати ҷиддиро тақозо менамоянд. Дар баробари ин, унсурҳои ҷудонашавандаи системаи ташкилӣ-институтсионалии системаи фаъолияти механизми таъминоти сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат ҳам воситаи назорат ва танзим ва ҳам фишангҳои ҳавасмандкунӣ ва подошдиҳӣ мебошанд.

Равандҳои саноатикунонӣ, рушди соҳаҳои технологӣ ва таҷдиди иқтисодиёт бешубҳа ба дастгирии назаррас аз ҷониби давлат алоқаманд аст. Ҷанбаҳои зиёди марбут ба фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ аз ҷониби ҳукумат дастгирии миқёси васеъро тақозо мекунанд, ки барои фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ маҷмӯи тадбирҳоро пешбинӣ менамояд. Дар заминаи сиёсати самарабахши давлатӣ, ки дар натиҷаи он барои фаъол гардонидани ташаббусҳои соҳибкорӣ, ҷалби онҳо ба лоиҳаҳои дарозмуддати сармоягузорӣ, афзоиши шумора ва миқёси ширкатҳои хусусӣ шароит фароҳам оварда, васеъгардонии шумора ва миқёси ширкатҳои хусусӣ, барои ташаккули механизми самараноки дастгирии сармоягузорӣ бо қобилияти такрористеҳсол ва тавлиди захираҳои нави молиявӣ ва сармоягузорӣ замина гузошта мешавад.

Қисми муҳими ташаккули механизми дастгирии сармоягузории саноат ҷалби тамоми манбаъҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ мебошад, ки дар ташаккули капитали сармоягузорӣ иштирок карда метавонанд. Ба ин манбаъҳо дохил мешаванд: молияи давлатӣ, маблағҳои ҷалбшуда ва маблағҳои худи субъектҳои соҳибкорӣ. Фаъолияти самарабахши механизм ҳамчун системаи худтаъминкунандаи дорои функсияи такрористеҳсолӣ бо риояи ҳатмии принсипи самаранокии иқтисодиёт ва ҳавасмандгардонӣ имконпазир аст. Ин маънои онро дорад, ки новобаста аз он ки кадом маблағҳо барои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ (давлатӣ, моликияти, қарзӣ) истифода мешаванд ва онҳо бояд бо афзоиш пардохт шаванд, яъне фоида биёранд. Ин принсип ҳамчун худи моҳияти табисти иқтисодии маблағгузорӣ ва ҳам иқтидори инкишофи минбаъдаи он буда, худи раванди тақсим ва ҷо ба ҷо гузории захираҳои сармоягузории тақвиятшуда метавонад хусусиятҳои гуногун дошта бошад. Маблағҳои буҷетӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ бештар ба самтҳои аҳамияти иҷтимоӣ, инфрасохторӣ ва афзалиятноки рушди иқтисодиёти кишвар равона карда шуда, маблағҳое, ки дар асоси сармоягузории хориҷӣ ва фаъолсозии ташаббуси соҳибкорӣ ҷалб карда мешаванд, бештар ба ҳамон қишрҳои бозор равона карда мешаванд, ки дорои ҷолибияти баланди сармоягузорӣ мебошанд. Дар ин замина аз ҷониби давлат ташаккули сиёсати оптималии мутавозин оид ба равона кардани ҷараёни сармоягузорӣ ба бахшҳои афзалиятнок ва таваҷҷуҳ ба таҳияи стратегияҳои рушд ва идоракунии манбаъҳои маблағгузории сармоягузорӣ хеле муҳим аст.

Дар рисола қайд карда мешавад, ки суръати баланди рушди иқтисодӣ дар кишварҳои мутараққӣ ба шарофати сиёсати муассир ва салоҳиятноки давлатӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба даст оварда шудааст ки ба дастгирии фаъолтарин қисми ташаббускории ҷомеа – соҳибкорон нигаронида шудааст.

Дар маҷмӯъ, ташаккули механизми дастгирии сармоягузорӣ ба саноат, ки дар расми 15 оварда шудааст, ҷанбаи муҳими рушди иқтисоди миллӣ ва парадигмаи рушди саноат мебошад, ки шароиту ҳавасмандии сармоягузоронро беҳтар намуда, ба истифодаи оқилонаи маблағгузорӣ ба соҳаи саноат мусоидат мекунад.




*Манбаъ: аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст*

**Расми 15. Механизми дастгирии сармоягузории рушди саноат**

Мавқеи ибтидоии ташаккули ҳар як механизм танзими заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалии фаъолияти он буда, натиҷаи бевоситаи қабули қарорҳо ва қонунҳо дар сатҳи

давлатӣ мебошад. Маҳз давлат параметрҳо ва хусусиятҳои муҳити сармоягузорӣ ва соҳибкориро муайян мекунад, ки фазои заминаи саъю талоши ҳамаи иштирокчиёни дигар хизмат мекунад (Чадвали 8).

**Ҷадвали 8. Нақши давлат дар ташаккули механизми таъмини сармоягузорӣ ба саноат**

| Консепсияи иштироки давлат дар ташаккули механизми дастгирии сармоягузории рушди саноат | | |
|---|---|---|
| Самти татбиқ | Законодательство и нормативно-правовой базис | Институциональный базис |
| Фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва баланд бардоштани эътимод ба сохторҳои давлат | Ташаккули муҳити устувор ва бизнеси шаффоф: расмиёти содда ва равшани бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ, бақайдгирии ҳуқуқи моликият, кам кардани монеаҳои бюрократӣ ва ба таври доимӣ такмил додани муҳити ҳуқуқӣ | Мушаххаскунии институтҳо барои таҳия ва татбиқи чораҳо ва гузаронидани мониторинги ҳамоҳанг барои арзёбии самаранокии натиҷаҳои қарорҳои қабулшуда |
| Коркаарди ҳавасмандгардонии ҷолиб барои сармоягузорӣ | Таҳия ва қабули барномаҳои рушди соҳа, дастгирии ҳамаҷонибаи ҳуқуқии имтиёзҳои андоз, гумрук, истеҳлок, рушди равандҳои сармоягузорӣ дар бозори коғазҳои қиматнок, таҳияи стандартҳо ва танзими истеҳсолот | Мушаххас кардани сохторҳои давлатӣ ҷиҳати амалӣ намудани мониторинги санадҳои меъёрии қабулшуда бо мақсади ошкор намудани номувофиқатӣ ва зиддиятҳо дар қарорҳои қабулшуда |
| Рушди инфраструктураи фарогир | Қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ оид ба ташкил ва танзими фаъолияти сохторҳои дахлдор | Ташаккули институтҳои нақлиёт, энергетика, логистика, обтаъминкунӣ, инфрасохтори коммуникатсионӣ (пайвандҳо, МОИ, шабакаҳо, кластерҳо, бизнес-инкубаторҳо, платформаҳои рақамӣ, фондҳо ва ғ.) |
| Рушди сармояи инсонӣ | Қабули барномаҳо оид ба дастгирии маориф, илм, таълимоти касбӣ, шарикӣ бо МТОК, стратегияҳои инноватсионӣ, саводнокии молиявӣ ва сармоягузорӣ дар ҳама сатҳҳо | Ташкили марказҳои инноватсионӣ, лабораторияҳо, ширкатҳои таълимӣ ва таблиғотӣ, бюроҳо, КИТТТ, консалтингӣ, марказҳои экспертии байналмилалӣ |
| Фаъолгардонии ҷалби сармояи хориҷӣ | Қабули қонунгузории сармоягузорӣ, стратегияи ҷалби сармояи хориҷӣ, низоми махсуси ҳуқуқии дастгирӣ ва ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ | Гузаронидани форумҳо ва ташкили платформаҳои рақамӣ ва ҷисмонӣ барои муошират ва табодули таҷриба, институтҳои омӯзиши кишварҳои хориҷӣ ва муносибатҳои ҳамгироии глобалӣ |

*Идомаи ҷадвали 8*

| | | |
|---|---|---|
| Таъсис ва рушди фазои иттилоотии муосир | Такмили танзими меъёрию ҳуқуқии ҳисоботи оморӣ ва инъикоси иттилоотии фаъолияти иштирокчиён | Ташкили бонкҳои фаврии маълумотӣ оид ба лоиҳаҳои ҷорӣ ва эҳтимолии сармоягузорӣ, фарогирии таҷрибаи пешқадам, сохторҳои таълимӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар муассисаҳои ваколатдори давлатӣ |
| Таҳия ва татбиқи нақшаҳои стратегии рушди саноат | Ташаккули заминаи ҳуқуқии сиёсати сармоягузорӣ-саноатии давлат тавассути арзёбии эҳтиёҷот ва имкониятҳои рушди саноат, таҳия ва мунтазам нав кардани нақшаҳо ва барномаҳои рушди саноат | Мушаххаскунии сохторҳои ваколатдори давлатӣ, ҷалби фаъолонаи сохторҳои соҳибкорӣ, ҷомеаи академӣ ва дигар иштирокчиёни манфиатдор дар муҳокима ва таҳияи тавсияҳо оид ба такмили сиёсати сармоягузорӣ-саноатӣ |

*Манбаъ: аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст*

Барои амалигардонии афзҳалиятҳо ташаккули механизми дастгирии сармоягузории саноат, диверсификатсияи имкониятҳои маблағгузорӣ ва рушди он зарурати ташаккули синфи муносиби соҳибкориро ба миён меорад, ки ба рушди мустақилона ва рафъи монеаҳои пайдошаванда қодир мебошад. Дар баробари ин, вазъи кунунии иқтисодӣ ва сатҳи рушди иқтидори соҳибкорӣ барои дар сатҳи зарурии ҳавасманд гардонидани рушди иқтисодӣ ва ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда қодир нест.

Бояд гуфт, ки маблағгузорӣ худ аз худ проблемаи таъмини рушди босифати иқтисодиро ҳал карда наметавонад. Сармоягузориҳо бояд ҳамчун захирае баррасӣ карда шаванд, ки танҳо дар сурати самаранок тақсим ва истифода бурдани он метавонад дар иқтисодиёт тағйироти мусбати дарозмуддатро ба вуҷуд орад. Қабули қарорҳо дар ин маврид боз ба салоҳияти соҳибкорон дохил шуда, устуворӣ ва сифати рушди иқтисодӣ мувофиқан аз сатҳи касбии онҳо вобаста хоҳад буд.

Фаъолсозии равандҳои сармоягузорӣ барои таъмини фаъолияти соҳибкорӣ рушди маркетингро дар назар дорад, ки дар таъмини афзалиятҳои рақобатноки ташкилотҳои соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳамчун системаи мураккаб ва динамикии иқтисодӣ ҷузъи муҳимтарин мебошад.

Ҷанбаи калидии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи ҷалби сармоягузорӣ ташаккули мақсаднок, рушди мусбат ва пешбурди нуфузи объекти мушаххас мебошад. Дар бахши саноат, ки сармоягузориҳо хусусияти дарозмуддат доранд, ташаккул ва барқарор намудани муносибатҳои устувору боэътимод бо шарикон ва сармоягузорон аҳамияти хоса дорад. Ин аҳамияти муайян кардани маркетинги сармоягузориро ҳамчун афзалияти стратегии механизми дастгирии сармоягузории рушди сохторҳои соҳибкорӣ ва ҷолибияти сармоягузории онҳо фароҳам меорад.

Стратегияҳои маркетинги сармоягузорӣ бояд ба хусусияти иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ, маркетингӣ ва соҳибкорӣ асос ёбанд ва ба онҳо мутобиқ карда шаванд, ки моҳияти онҳо ба ҳавасмандгардонии иқтисодии ин намуди фаъолиятҳо вобаста аст.

Маркетинги сармоягузориро дар заминаи дастгирии сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат ба назар гирифта, самтҳои консептуалии рушди онро барои таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат ташаккул додан зарур аст (Расми 16).




*Манбаъ: аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст*

**Расми 16. Консепсияи маркетинги сармоягузорӣ дар саноат**

Рушди бозори коғазҳои қиматнок на танҳо имкон медиҳад, ки сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҷамъ карда шаванд, балки беҳтаркунонии азнавтақсимкунии дороиҳоро аз соҳаҳои таназзулёфта ба соҳаҳои самаранoктар аз ҳисоби талабот ва пешниҳод, инчунин аз кишварҳои рукуд ба кишварҳое, ки истеҳсолоташ рушд мекунад, таъмин менамояд. Ба даст овардани дараҷаи қобили қабули фоидаи маблағгузорӣ аз рӯи онҳо характери мусбати равандҳои дар иқтисоди миллӣ ба амал омадаро нишон медиҳад. Дар шароити муосир, дар амалияи ҷаҳонӣ, вазъи иқтисодиёти кишвар, рушди динамикии ва самаранокии онро инкишоф ва даромаднокии бозори коғазҳои қиматнок муайян мекунад, ки дар он сармояи субъектҳои хоҷагидорӣ марказонида шудааст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки рушди бозори сармоя омили катализатори рушди иқтисодии иқтисоди миллӣ мебошад, зеро он ба беҳтаркунонии захираҳои молиявӣ ва тақсимоти самараноки онҳо мусоидат мекунад.

Таҳлили дар рисолаи диссертатсионӣ гузаронидашуда имкони муайян карданро дод, ки бозори коғазҳои қиматнок дар Тоҷикистон микёси хурд ва суст инкишофёфтаро мемонад. Рушди чунин як соҳаи иқтисодиёт ба монанди бозори коғазҳои қиматнок дастрасии бахши хусусиро ба сармояи саҳҳомӣ ва маблағгузории қарзӣ таъмин ва тавсеа дода, ба тақсимоти оптималии пасандозҳо тавассути сармоягузорӣ мусоидат мекунад ва механизмҳои арзёбии арзиши бозории корхонаҳо ва капитализатсияи онҳоро ба кор медарорад. Вуҷуд надоштани бозори рушдёфтаи коғазҳои қиматнок имкониятҳои дастгирии молиявӣ ва сармоягузории сохторҳои соҳибкориро хеле маҳдуд мекунад. Барои рушди саноат, дар шароите, ки сохторҳои соҳибкорӣ метавонанд танҳо ба маблағгузории бонкӣ такя кунанд, ки аз рӯи табиаташ хеле консервативӣ ва нисбатан кӯтоҳмуддат аст, фаъол гардонидани фаъолият оид ба рушди бозори коғазҳои қиматнок бояд хусусияти ҳатмӣ дошта бошад.

Умуман, бозори коғазҳои қиматнок дар Тоҷикистон ислоҳоти ҷиддиеро тақозо мекунад, ки бояд бо иродаи сиёсӣ ва аз ҷониби мутахассисони сатҳи баланд бо дарназардошти таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ таҳия карда шаванд, ки дар натиҷа метавонад дар рушди бозори коғазҳои қиматноки ватанӣ пешравиҳои назаррас ноил гашта, бозори сармоя ва ташаккули механизми самаранок ва ҳамаҷонибаи сармоягузориро таъмин намояд. Барои ноил шудан ба ин

ҳадаф стратегияи дуруст ва дарозмуддати рушди бозори коғазҳои қиматнок ва татбиқи он аҳамияти марказӣ дорад (Расми 17).

1. Иштирок ва дастгирии ҳукумат
- Ӯҳдадории сиёсӣ;
- Майл ба ислоҳот;
- Куратори баландрутба ва масъул.

2. Институтгароии раванд ва ташкили сохтори идоракунӣ
- Кумитаи байниҳамдигарии сатҳи баланд бо ҷалби бахши хусусӣ;
- Дастгоҳи машваратии техникӣ;
- Котиботи иҷроияи техникӣ.

3. Таҳияи стратегияи мақсаднок
- Гузаронидани ташхиси муҳит;
- Ташаккули дастаи касбӣ;
- Ба инобат гирифтани тафаккур ва шароити маҳаллӣ;
- Таҳияи харитаи роҳ барои ноил шудан ба ҳадафҳо, мӯҳлатҳо ва ҳисоботдиҳӣ.

4. Таъмини иштироки ҷонибҳо
- Тасдиқ дар сатҳи олии давлатӣ;
- Ҳамкории маҷмӯӣ байни мақомоти давлатӣ дар ҳама сатҳҳо;
- Ҷалб ва машварат бо бахши хусусӣ;
- Ҷалби мушовирони байналмилалӣ ва шарикони рушд.

5. Дастгирии иттилоотӣ ва назорати иҷроиш
- Таъмини огоҳии аҳолӣ;
- Ҷалби иштирокчиён ва захираҳо;
- Назорати қатъӣ ва таъсирбахш.

*Манбаъ: аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст*

**Расми 17. Ҷанбаҳои татбиқи стратегияи рушди бозори коғазҳои қиматнок**

Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки бозори коғазҳои қиматнок барои таъмини сармоягузории иқтисодиёт ва махсусан саноат дорои иқтидори назаррас буда, қисман дар шароити муосир амалан татбиқи воқеӣ надорад, ки ин ҷалби сармоягузории саноати миллиро барои сармоягузорони хориҷӣ ба таври назаррас коҳиш медиҳад ва ҳамчунин ба фаъолияти сармоягузорони институтсионалии миллӣ, ки метавонанд ҳамчун «пешоҳанг» дар дастгирии сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноати ватанӣ баромад кунанд, таъсири манфӣ мерасонад.

Дар рисола кайд карда мешавад, ки механизми таксимоти фоида ба талаботи объективии сохторҳои соҳибкорӣ, шароити бозор, сатҳи тараққиёти кувваҳои истеҳсолкунанда, манфиатҳои иқтисодии давлат, ҷамъият ва кадрҳои корхона бояд ҷавобгӯ бошад. Ҳангоми вайрон гаштани ин мувофиқат раванди баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот халалдор карда мешавад.

Дар заминаи дастгирии сармоягузории саноат фоида низ накши пешбарандаро мебозад, зеро он манбаи асосӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ мебошад. Масъалаҳои ҳамкории фаъоли низоми андози давлат ва соҳибкорӣ дар партави самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти кишвар оид ба рушд ва тавсеаи истеҳсолоти саноатӣ аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Дар рисолаи диссертатсионӣ мавҷудияти таъсири доимӣ ва баръакси сарбории андоз ба истеҳсолоти саноатӣ исбот карда шудааст, аз ин рӯ, истифодаи фаъолонаи имтиёзҳои андоз барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии саноатикунонии кишвар ногузир аст.

Муайян намудани таносубҳои беҳтарин тақсимоти фоидаи ба даст овардаи корхонаҳои саноатӣ бояд ба бахши муайяншуда доир ба саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ мувофиқ бошад. Ин ҷалби фаъолонаи фоидаро ба равандҳои аз нав сармоягузорӣ дар саноат бо дарназардошти манфиатҳои тарафҳои манфиатдор ва кормандонро дар назар дорад. Тақсимоти

оқилонаи фоидаи корхонаи саноатӣ дар ниҳоят имкониятҳои сармоягузорӣ, буҷет ва стратегияи онро ташаккул медиҳад (расми 18).




*Манбаъ: муаллиф тартиб додааст*

**Расми 18. Механизми taксимоти фоидаи корхонаи саноатӣ**

Дар рисола қайд карда мешавад, ки фоида воқеан манбаи ягонаи сармоягузорӣ мебошад, бинобар ин қабули қарорҳои муассир ва оқилонаи тиҷорат дар марҳилаи тақсимот ва истифодаи фоида хеле муҳим аст. Дар навбати худ, ин таҳияи методологияи тақсими фоидаи сохторҳои соҳибкорӣ дар саноатро асоснок намуд (Ҷадвали 9).

**Ҷадвали 9. Методологияи марҳила ба марҳила тақсимоти фоидаи корхонаҳо дар саноат**

| Марҳила: | Мундариҷа: | Маҷмӯаи асбобҳо: |
|---|---|---|
| Муайян кардани ҳадафҳо ва афзалиятҳо | Стратегияи рушди тиҷорат, стратегияи сармоягузорӣ, коҳиши шумораҳо, таҷдиди самтҳо | таҳлили SWOT, таҳлили ABC, таҳлили SNV ва ғайра. |
| Таҳлили бозор ва муҳити рақобат | Даромаднокӣ, тиҷорат, саноат, рақибон | таҳлили SWOT, таҳлили самаранокии сармояи асосӣ ва гардиш ва ғ. |
| Омӯзиши омилҳои хавф | Шароити бозор, суботи макроиқтисодӣ, рушди технологияҳои нав, тамоюлҳо | Таҳлили PEST, таҳлили ҳассосият, зарароварӣ, тахфиф ва ғайра. |
| Таҳлили манфиатҳои тарафҳо | Созиши иқтисодии тарафҳо (тарафҳои манфиатдор, кормандон, ҳукумат, шарикон) | Арзиши бозор ва динамикаи саҳмияҳои ширкат, ҳосилнокии меҳнат ва ғайра. |
| Таҳияи моделҳои молиявӣ | Плюрализми моделҳои молиявӣ барои оптимизатсияи тақсимоти фоида | таҳлили GAP, усулҳои таҳлили портфелӣ ва сенариявӣ ва ғайра. |
| Арзёбии алтернативаҳо | Ҳисоби молиявӣ ва асосноккунии интихоби модели молиявӣ | Методикаи баҳодиҳии интегралӣ, усули экспертӣ ва ғ. |
| Мониторинг ва тасҳеҳ | Назорат ва мутобиқшавӣ ба тағйироти муҳит | Назорати молиявӣ, назорат, аудит, назорати муқобил ва ғ. |

*Манбаъ: муаллиф тартиб додааст*

Ҳамин тариқ, такмили механизми тақсими фоидаи бадастовардаи сохторҳои соҳибкорӣ афзалияти стратегии ташаккул ва фаъолияти устувори механизми таъмини сармоягузории рушди саноат мебошад.

## ХУЛОСА

### А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Нақши сармоягузорӣ ҳамчун воситаи ноил шудан ба рушди иқтисодӣ таҳқиқ карда шудааст, инчунин собит шудааст, ки дар тамоми давраи пайдоиши илми иқтисодӣ дар мактабҳои гуногун (классикӣ, кейнсӣ ва ғ.) ва навъҳои гуногуни хоҷагидорӣ (бозорӣ, фармондиҳию маъмурӣ), ҷузъиёти сармоягузорӣ ба суръати миёнасолонаи афзоиши ММД таъсир мерасонад. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар шароити муосири ватанӣ ҳадафҳои гузошташудаи саноатикунонии иқтисодиёт бидуни фаъолгардонии равандҳои таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат ғайриимкон аст, мувофиқан барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ афзалияти муҳимтарин ин ташаккул додани сиёсати сармоягузории давлати мутаносиб, аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашуда ба ҳисоб меравад. [7-А; 20-А; 28-А]

2. Дар асоси равиши комплексии ташаккулёбии механизми таъмини сармоягузории рушди саноат, ки дар он нақши муҳим ҳамчун танзимкунанда ва меъмори модели самаранок ва оптималии рушди иқтисодӣ, ба давлат гузошта шудааст, муқаррар карда шудааст, ки барои рушди фаъолонаи раванди сармоягузорӣ замина фароҳам овардан ва дар доираи сиёсати давлатии сармоягузорӣ-саноатӣ тадбирҳои мушаххас амалӣ гардондан зарур аст, ки барои аз нав дида баромадани қонунгузории амалкунанда ва қабули доираи васеи имтиёзҳо барои ҷалби сармоя, инчунин барои таҳияи барномаҳо, стратегияҳо ва механизмҳои махсус барои равона кардани ҷараёнҳои сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар такон мебахшад. [3-А; 11-А]

3. Бо дарназардошти воқеиятҳои муосир ва ҳадафҳои стратегии иқтисодиёти ватанӣ, инчунин таҷрибаи ҷаҳонии пешниҳодшуда оид ба ташаккули системаи принсипҳои баҳодиҳии интегралии механизми сармоягузорӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки он бояд хусусияти мутақобила дошта бошад ва масъалаҳои зиёди чӣ умумӣ ва чӣ махсуси вазъи бозориро ба инобат гирад, ки имкон медиҳад баҳодиҳии васеи молиявию иқтисодии ҳам фаъолияти субъекти

соҳибкорӣ гузаронида шавад ва ҳам ҷолибияти сармоягузории минтақа муайян карда шавад. Баҳодиҳии интегралии механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ бояд ба таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳо ва шароитҳои ба самаранокии равандҳои сармоягузорӣ таъсиррасон, бо мақсади муайян кардани муаммоҳо ва ташаккули сиёсати сармоягузорӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ, равона карда шавад. [8-А; 21-А]

4. Мақсади асосии таҳлили молиявӣ-иқтисодӣ ва арзёбии фаъолияти сармоягузорӣ ин муайян кардани имконият барои гирифтани фоидаи эҳтимолӣ ва «сифати» он барои сармоягузорон ва дигар иштирокчиёни манфиатдор мебошад. Маҳз чунин равиш ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок мебошад ва амалигардонии қонунҳо ва принципҳои бозориро инъикос мекунад, ва ҳам заминаҳои барои ташаккул ва фаъолияти механизми сармоягузориро дар оянда муайян мекунад. Қобили зикр аст, ки сарфи назар аз он, ки нуқтаи ибтидоӣ ҳангоми арзёбӣ ва қабули қарор дар бораи сармоягузорӣ кардан фоидаи эҳтимолии лоиҳаи сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад, таърихи нав бо тамоюлҳои ба замони муосир хос ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ислоҳоти худро тақозо мекунад. Ин метавонад дар натиҷаи бозсозии объективӣ ба вуҷуд ояд, вақте ки афзалиятҳои рушди экологӣ, иҷтимоию дигаргунсозӣ ва баъзан сиёсии давлат манфиати иқтисодии сармоягузоронро аз мавқеи аввал поён мефарорад. Аммо чӣ тавре ки аллакай қайд карда шуд, маҳз фоида сарчашмаи сармоягузорӣ аст, маҳз равандҳои сармоягузории дубораи он имкон медиҳанд, ки таъмини сармоягузорӣ дар шакли механизми амалкунанда таъсис дода шавад. [13-А; 19-А; 23-А]

5. Муқаррар шудааст, ки категорияи иқтисодии «иқлими сармоягузорӣ» бо мафҳуми «муҳити соҳибкорӣ» зич алоқаманд аст. Инро ҳам равишҳои хориҷӣ ба арзёбии иқлими сармоягузорӣ ва ҳам хусусиятҳои мазмунию мурофиавии ҳарду мафҳум тасдиқ мекунанд. Чӣ тавре, ки соҳибкорӣ бидуни сармоягузорӣ ғайриимкон аст, сармоягузориҳо низ сарчашмаи соҳибкорӣ мебошанд. Ҳангоми таҳияи методологияи миллии арзёбии иқлими сармоягузорӣ бояд аз таҳлили муфассали чунин категорияҳо, ба монанди нерӯи сармоягузорӣ ва хатарҳои сармоягузорӣ такя карда шавад. Арзёбии иқлими сармоягузорӣ нисбат ба муайянкунии арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ тавсифи васеътар ва амиқтар дорад. Дар ҳолати якум имконияти ошкор намудани тарафҳои суст ва муаммоҳо дар муҳити соҳибкорӣ вуҷуд дорад (ва мувофиқан, ҳалли минбаъдаи онҳо), ҳол он ки таъкиди ҷанбаҳои ҷолибияти сармоягузорӣ танҳо ҳадафҳои ҳамонзамонаи ҷалби сармоягузориҳои иловагиро ҳал менамояд. Иқлими сармоягузорӣ ин категорияи динамикӣ буда, шароитҳои фаъолияти сармоягузориро тавсиф медиҳад. Аз ин рӯ, вазифаи мониторинги он муҳим мебошад. Илова бар ин, бояд дарк намуд, ки аксарияти шароитҳои иқлими мусоиди сармоягузорӣ дар як лаҳза фароҳам оварда шуда наметавонанд. Равиши самаранок дар ин маврид мусоидати марҳилавӣ ва доимиро дар беҳтаркунии муҳити фаъолият дар назар дорад, ва дар ин замина боз ҳам зарурати мониторинги пайваста ба миён меояд. Аҳамияти доимии такмилдиҳии муҳити сармоягузорӣ бояд ба он асос ёбад, ки иқлими сармоягузорӣ - ин категорияи макроиқтисодӣ буда, аз зерсистемаҳои зиёди низоми иқтисодии миллӣ иборат буда, дар шароити танзими салоҳиятнок ба татбиқи самараноки равандҳои хоҷагидорӣ ва муносибатҳо, оптимизатсияи нерӯи захиравӣ, ташаккули назарияҳои оқилона, рушди инноватсионӣ ва устувори иқтисодӣ мусоидат мекунад. Пас, муносибат низ барои татбиқи иқлими мусоиди сармоягузорӣ бояд тавсифи доимӣ ва ҳамаҷониба бошад. [9-А; 15-А; 23-А]

6. Вазъияти макроиқтисодии иқтисодиёти миллӣ ба фаъолнокии равандҳои сармоягузорӣ бевосита алоқаманд аст, аз ҷумла ин бо робитаи устувори байни сатҳи таваррум ва ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисодиёт, мувофиқан, танзими иқтисодиёт тавассути воситаҳои макроиқтисодӣ ва нишондиҳандаҳо (таваррум, меъёри асосӣ) метавонанд ба рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти кишвар мусоидат кунанд. Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар кишвар ба ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии давлат, ки дар СМР Тоҷикистон – 2030 зикр шудаанд, нигаронида шудаанд, инчунин мавзӯъҳои лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ба Ҳадафҳои Рушди Устувор пайвастагии возеҳ доранд, табиист ки ин бо аҳамияти худи Рӯзномаи рушди устувор ва ҳам аз ҷониби донорҳои байналмилалӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои таъсирбахш муаян карда шудаанд. Дар асоси ин метавон ба хулосае омад, ки ҳангоми таҳияи ҳам стратегияҳои соҳавии рушди саноатӣ ва ҳам бизнес-нақшаҳои тиҷоратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ

бояд ҳадафҳои ҲРУ ба инобат гирифта шаванд, ки дар навбати худ метавонад ба васеъ намудани доираи сармоягузорони эҳтимолӣ мусоидат намояд. Фаъолнокии сармоягузориро аз рӯи минтақаҳо ҳанӯз мутавозин номидан номумкин аст ва марказҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ ба таври анъанавӣ мувофиқан шаҳри Душанбе, вилояти Хатлон ва вилояти Суғд боқӣ мемонанд. Маблағҳо аз сармоягузориҳои хориҷӣ суст диверсификатсия шудаанд, ва ин тамоюл барои пешомадҳои миёнамӯҳлат тамоми асосҳоро дорад, ки метавонад ба таъмини рушди босифати иқтисодии иқтисодиёти ватанӣ таъсири манфӣ расонад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки барои ташаккули механизми таъмини сармоягузорӣ шароит фароҳам оварда шавад, инчунин ҳисобҳои фаврӣ оид ба мониторинги вобастагии рушди иқтисодии кишвар аз сармоягузории як сармоягузор анҷом дода шавад. Барои ин фароҳам овардани муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, фаъол гардонидани фаъолияти ниҳодҳои дастгирӣ, таҳкими механизми ҷамъ овардани сармоягузорӣ ва захираҳои дохилӣ, пурзӯр намудани дастгирии андозӣ барои равандҳои сармоягузории дубора дар саноат, таҳкими равандҳои арзёбии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва асоснокии онҳо барои пешгирӣ аз вобастагӣ аз як сармоягузори калон зарур аст. [1-А; 26-А]

7. Таҳлили нишондиҳандаҳои миқдории рушди саноат ва равандҳои сармоягузорӣ афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ (30%), ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (2 баробар), маблағгузории асосӣ дар саноат (1,5 баробар), ҳиссаи бахши саноат дар ММД аз 15% дар соли 2015 то 23,8% дар соли 2021 тасдиқ мекунанд. Дар баробари ин баҳодиҳии рушд аз рӯи нишондиҳандаҳои сифатӣ таъсири ночизи афзоиши миқдориро ба самаранокии рушди саноат ошкор намуд. Арзиши миёнаи афзоиши онҳо на бештар аз 2 маротиба аст. Нишондиҳандаҳои чандирии сармоягузорӣ арзишҳои нокифояро нишон медиҳанд, ки имкон доданд дар бораи мавҷудияти муаммоҳои ҷиддии системавӣ дар соҳа хулоса барорем. Дар буриши соҳавӣ таҳлили рушди саноат ва фаъолияти сармоягузорӣ аз соли 2020 коҳиши якбораи маблағгузории асосиро дар тамоми бахшҳои саноат нишон медиҳад. Дар маҷмӯъ, пешсафи соҳа дар ҷалби сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ соҳаи энергетика мебошад, ки дар давраи таҳқиқшуда 68,6%-и ҳаҷми умумии маблағгузории асосиро ба саноат ҷалб намуд, дар ҷои дуюм саноати коркард ва истихроҷ бо 21,4% ва 10%-ро мутаносибан ташкил додааст. Дар баробари ин шумораи бештари корхонаҳои саноатӣ ба саноати коркард рост меояд. Ҳиссаи бахши хусусӣ ҳам дар истеҳсолоти саноатӣ ва ҳам ҷалби сармоягузорӣ дар рушди саноат мавқеи асосиро ишғол мекунад. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар бахши хусусӣ назар ба бахши давлатӣ беш аз 10 баробар зиёд аст ва маблағгузориҳои бахши хусусӣ ба саноат қариб 60%-и тамоми маблағгузориро ба саноат ташкил медихад. Дар давраи таҳқиқшаванда тамоюли кам шудани ҳиссаи сармоягузории хориҷӣ дар рушди соҳа мушоҳида карда мешавад, бо вуҷуди ин қисми камшавии воридоти сармоягузории хориҷӣ бо ҷалби фаъолонаи соҳибкорони ватанӣ ба фаъолияти сармоягузорӣ ҷуброн карда шуд. Ҳамин тавр, дар соли 2015 ҳиссаи сармоягузории хориҷӣ дар ҳаҷми умумии маблағгузории асосӣ ба саноат 36,7% нисбат ба 29,1%-и соли 2022-ро ташкил дод. Натиҷаҳои нокифояи ҳисоби нишондиҳандаҳои сифатӣ имкон медиҳанд, ки дар бораи мавҷудияти сатҳи баланди иқтисоди соягӣ ва мавҷудияти мушкилоти системавӣ, ноустувории қавии равандҳои дохилии иқтисодӣ аз таъсири экзогенӣ хулоса барорем, инчунин нокомилии методологияи ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳои оморӣ оид ба мавзӯи таҳқиқшаванда ошкор карда шуд. Ин дар навбати худ, зарурати ташаккулёбии механизми таъмини сармоягузории рушди саноатро бо назардошти муаммоҳои қайд карда шуда муайян мекунад. [1-А; 20-А; 23-А; 24-А]

8. Дар асоси таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ як қатор омилҳое ошкор карда шудаанд, ки бо сармоягузорӣ дар иқтисодиёт алоқаи зич доранд. Омӯзиш ва танзими ин омилҳо имкон медиҳад, ки ба фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ таъсири мустақим расонида шавад. Ташаккулёбии ҳавасмандгардонӣ барои афзоиши даромад ва хароҷоти аҳолӣ метавонад ба ҷалби сармоягузорӣ ҳам аз ҳисоби ташаккули талаботи пардохтпазир, ва ҳам тавассути ташаккули пасандозҳо таъсири мусбат расонад. Ҳангоми муайян кардани аҳамияти сармоягузории хориҷӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимтарини дастгирии молиявии иқтисодиёт бояд возеҳ дарк кард, ки ин воситаи ҳалли муаммоҳои молиявии ин ё он давлат нест ва мо чунин мешуморем, ки давлат, пеш аз ҳама, бояд сиёсати иқтисодии худро дар ошкоркунӣ ва истифодаи

«шаффофи» захираҳои афзоиши худӣ бунёд кунад, ва на ба он такя намояд, ки кӣ, кай ва дар кадом шароит ба иқтисодиёти ватанӣ сармоягузорӣ мекунад. Дар иқтисодиёти кушода аксар вақт байни воридот ва сармоягузорӣ робитаи устувор ба назар мерасад, ки он дар иқтисодиёти ватанӣ низ мушоҳида мешавад. Аммо дар робитаи тараққиёти саноатии иқтисодиёти мо чунин алоқа оқибатҳои ҷиддӣ дошта метавонад, ки зарурати бодиққат омӯхтани азнавсозии соҳаро дар назар дорад. Сиёсати саноатии кишвар бояд ба рушди саноати мошинсозӣ фаъолона таъсир расонад, то оқибатҳои манфии воридоти сармоя, инчунин робитаи байни воридот ва сармоягузории хориҷӣ, чӣ тавре ки маълум аст, боиси афзоиши воридот низ мегардад, пешгирӣ карда шавад. Хусусияти мусбати фаъолгардонии фаъолияти сармоягузориро бо мавҷудияти таносуби мусбии байни маблағгузориҳои асосӣ ва афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар саноат муайян кардан мумкин аст. Пешгӯии афзоиши маблағгузориҳои асосиро дар шароити муосири фаъолияти хоҷагидории субъектҳо ҳамчун нокифоя арзёбӣ мекунем, ки ин зарурати таҳия кардани механизми диверсификатсионии таъмини сармоягузории рушди сохторҳои соҳибкорро дар саноат дар назар дорад. [1-А; 3-А; 10-А]

9. Собит карда шудааст, ки вазифаи асосии бозори қоғазҳои қиматнок, ҳамчун ҷамъкунии захираҳои молиявӣ, васеъкунии имкониятҳои дастрасӣ ба онҳо ва ҷойгиркунии самараноки онҳо иҷро намешавад.

Бо дарназардошти самараи системавӣ, ки дар натиҷаи рушди бозори коғазҳои қиматнок ба вуҷуд меоянд, механизми арзёбии бозории арзиши корхонаҳо, имкониятҳои хусусигардонии самаранок ва додани ҳуқуқи моликият ба корхонаҳо, рушди шаклҳои корпоративии пешбурди соҳибкорӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии ҷамъият, баланд бардоштани шаффофияти натиҷаҳои фаъолияти сохторҳои соҳибкорӣ, таҳким ва афзоиши дараҷаи саводнокии молиявӣ ва сармоягузорӣ ҳам дар байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳам дар байни соҳибкорон, арзёбии индикативии вазъи иқтисодиёти миллӣ ва мусоидат ба рушди иқтисодиро мансуб кардан мумкин аст; зарур аст таваҷҷуҳ ба ҳалли муаммоҳое, ки ба рушди бозори коғазҳои қиматноки ватанӣ дар робитаи дастури стратегӣ оид ба ташаккули механизми комплексии таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат халал мерасонад, тақвият бахшида шавад. [13-А; 17-А; 25-А; 29-А]

**Б) Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Асоснок карда шудааст, ки ташаккули сиёсати самараноки армоягузорӣ-саноатӣ шарти зарурии ноил шудан ба мақсадҳои саноатикунонии босуръати кишвар ба ҳисоб меравад ва бояд тадбирҳои ҳавасмандгардонии фаъолнокии соҳибкорӣ, сабук намудани дастрасӣ ба сармоягузорӣ ва захираҳои молиявӣ, инчунин пешниҳод намудани доираи васеи имтиёзҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ ба соҳаҳои саноат, ва таҳияи асосҳои консептуалии сиёсати давлатии сармоягузорӣ-саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд муқаррароти асосии зеринро дар бар гирад:

- ✓ ҳамоҳангсозии сиёсати саноатӣ бо таъмини молиявӣ ва сармоягузории татбиқи чорабиниҳои рушди саноат;
- ✓ мусоидат кардан ба рушд ва ҳалли муаммоҳои бо ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ дар саноат алоқаманд;
- ✓ ҳамоҳангсозии таҳия ва татбиқи сиёсати сармоягузорӣ-саноатӣ бо заминаи илмӣ, заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, мақомотҳо ва ниҳодҳои давлатӣ, ва механизми сармоягузорӣ (сарчашмаҳои молиявӣ);
- ✓ таъмин намудани ҷалби ҳамаи иштирокчиёне, ки дар фазои иқтисодӣ фаъолият мекунанд;
- ✓ истифодаи принсипҳо ҳангоми таҳия ва татбиқи сиёсати сармоягузорӣ-саноатӣ бояд ба алгоритме, ки дар он муаммои мушаххас ё монеа ошкор карда мешавад, мувофиқ бошад ва махсус барои он принсипи мақсаднок интихоб карда мешавад ва риояи қатъӣ ба ин принсипҳо, дар акси ҳол тамоми мақсадҳо, вазифаҳо, тадбирҳои дастгирӣ ва самара танҳо хусусияти номиналӣ хоҳанд дошт [3-А; 22-А].

2. Барои рушди механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад барои рушди прогрессивӣ захираҳои

иловагӣ боз намояд. Дар робита ба ин, пешниҳод менамоем, ки камбудиҳои зерин бартараф карда шаванд:

- ✓ расмиётҳои тӯлонии банақшагирӣ нисбат ба маблағгузории буҷетӣ;
- ✓ душвориҳо дар муайян кардани дурнамои дарозмуддат аз сабаби тағирёбии ногаҳонии вазъи бозор;
- ✓ мавҷудияти маҳдудиятҳо дар татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар баъзе соҳаҳо;
- ✓ мушкилот дар ҷалби сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои бузург;
- ✓ дастрасии маҳдуд ба воситаҳои маблағгузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ;
- ✓ ихтилофот дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва зарурати такмили онҳо [6-А; 24-А].

3. Исбот шудааст, ки диверсификатсияи сарчашмаҳои таъмини сармоягузорӣ самти муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад, зеро он барои ҷалби маблағгузории ташаббусҳои соҳибкорӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад, аммо ташаккули механизми диверсификатсионии таъмини сармоягузорӣ ҳалли як қатор муаммоҳои марбут ба маблағгузории устувор, иқлими мусоиди сармоягузорӣ, рушди сармояи инсонӣ, баланд бардоштани суботи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, инчуин таҳкими ҳамкории байни ҳамаи иштирокчиёни раванди сармоягузориро талаб мекунад. Бе ҳалли проблемаҳои зерин фаъолияти он имконнопазир аст: заминаи сусти меъёрӣ-ҳуқуқие, ки бо вуҷуди кӯшишҳои чандинсола ҳанӯз ба таври бояду шояд инкишоф наёфтааст; ноустувории макроиқтисодӣ; вобастагии баланди беруна; фоизи баланд; муҳити рақобатии заиф; инфрасохтори сусти энергетикӣ ва нақлиётӣ; бахши давлатии ғайрисамаранок дар иқтисодиёт; рушди нокифояи миёнаравии молиявӣ ва технологияҳои рақамии муосир; сатҳи пасти фаъолнокии инноватсионӣ; бозори суст инкишофёфтаи коғазҳои қиматнок мушкилоти асосӣ барои рушди механизми самараноки таъмини сармоягузорӣ мебошад. [2-А; 23-А; 29-А].

4. Муқаррар шудааст, ки бозори коғазҳои қиматноки Тоҷикистон ислоҳоти ҷиддиро тақозо мекунад, ки бояд аз ҷониби мутахассисони сатҳи баланд бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ таҳия карда шаванд, ки дар натиҷаи он дар иқтисодиёти ватанӣ дар рушди бозори дохилии сармоя ба пешравиҳои назаррас ноил гаштан ва ташаккули механизми самаранок ва комплексии таъмини сармоягузориро таъмин кардан мумкин аст. Барои ин тавсия медиҳем:

- ✓ Гузаронидани савдои ибтидоӣ ва дуюмдараҷа, ичунин ҳисоббаробаркунии вомбаргҳои давлатӣ ба биржаи фондӣ.
- ✓ Ба тартиб овардан ва васеъ кардани имтиёзҳои андозӣ, ки онҳо ҳам барои сармоягузорон ва ҳам барои эмитентҳо кор кунанд.
- ✓ Беҳтар намудани инфрасохтори пас аз савдои бозори сармояи қарзӣ дар Тоҷикистон.
- ✓ Тавсия дода мешавад, ки раванди барориши коғазҳои қиматнок бо роҳи таъмини барориши онҳо дар як ҷо содда карда шавад.
- ✓ Ташаккул додани бозори вомбаргҳои давлатии маҳаллӣ ва доштани хати каҷи даромаднокӣ бо пули миллӣ, ки метавонад ҳамчун нишондиҳанда барои эмитентҳои вомбаргҳои корпоративӣ истифода шавад.
- ✓ Тавсия дода мешавад, ки хусусигардонии ширкатҳо ва бонкҳои боқимондаи давлатӣ тавассути IPO дар Биржаи марказии фондӣ гузаронида шавад.
- ✓ Рушд додани заминаи институтсионалӣ ва чаканаи сармоягузорон дар дар бозори дохилӣ тавассути баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ, фарогирии иттилоот, гузаронидани IPO-ҳои муваффақ.
- ✓ Тақвияти фаъолият оид ба ҷалби сармоягузорони институтсионалии хориҷӣ бо роҳи ба роҳ мондани робитаҳои кастодиалӣ бо амонатгузорони байналмилалӣ, инчунин бо бонкҳои ҷаҳонии кастодиалӣ барои ин беҳтар кардани заминаи қонунгузорӣ ва навкунии инфрасохтори бозори сармоя тақозо карда мешавад. [17-А; 31-А; 32-А].

5. Тадбирҳои такмил додани механизми истифодаи фоидаи пештар гирифтаи корхонаҳо дар доираи стратегияи тараққиёти он, ташаккули вазъи молиявии он ва инкишофи фаъолияти сармоягузории он пешниҳод карда шудаанд. Мавҷудияти таъсири доимӣ ва баръакси бори андозӣ ба истеҳсолоти саноатӣ муқаррар карда шудааст, ки татбиқи тадбирҳои такмили сиёсати андозиро ҳамчун воситаи самараноки тезонидани равандҳои саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ асоснок менамояд, ки баландбардории саводнокии молиявӣ ва андозӣ, диверсификатсияи даромадҳои буҷети давлатӣ, татбиқи амалияи андозбандии регрессивӣ ва оптимизатсияи номгӯи андозӣ ва имтиёзҳои андозиро пешбинӣ менамояд. Рушди равандҳои сармоягузории дубора дар корхонаҳои саноатӣ ҷузъиёти муҳими ташаккули механизми самараноки таъмини сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад [10-А; 27-А; 30-А].

6. Афзалиятҳои стратегии ташаккули механизми самараноки таъмини сармоягузории саноат ҳамчун шарти зарурӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои саноатикунонии босуръати кишвар пешиҳод карда шудаанд, ки бояд тадбирҳои ҳавасмандгардонии фаъолнокии соҳибкорӣ, сабук кардани дастрасӣ ба сармоягузорӣ ва захираҳои молиявӣ, инунин пешниҳод кардани доираи васеи имтиёзҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ ба соҳаҳои саноатро дар бар гирад. Барои ин тадбирҳои мушаххас аз рӯи блокҳои асосӣ пешниҳод карда шудаанд:

✓ Маъмул гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун як шакли фаъолнокии иқтисодӣ фароҳам овардани муҳити мусоиди соҳибкорӣ дар асоси дастгирии фаъоли институтсионалии соҳибкорӣ пешбинӣ менамояд. Баланд бардоштани саводнокии умумии молиявии аҳолӣ ҳамчун самти гузоштани заминаҳои рафтори оқилонаи иқтисодии аҳолӣ дар пешомадҳои дарозмуддат, ташаккули маданияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, инчунин ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ба гардиши воқеии иқтисодӣ.

✓ Диверсификатсияи сарчашмаҳои таъмини сармоягузорӣ ва маблағгузории фаъолияти соҳибкорӣ таҳияи механизми комплексии васеъ намудани имкониятҳои ҷалби сармоя ба иқтисодиёт ва махсусан ба саноатро пешбинӣ менамояд.

✓ Татбиқи қонунгузории афзалиятнокӣ ва эътирофи мақоми махсуси бахши саноат дар асоси таҳияи низомҳои мушаххаси мусоидаткунандаи рушд дар асоси истифодаи васеи воситаҳои дастгирӣ [2-А; 3-А; 11-А; 13-А; 15-А].

# ФЕҲРИСТИ МАҚОЛАҲОИ НАШРШУДАИ ДОВТАЛАБ АЗ РӮИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ:

**А) Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда нашр шуда, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст**


[1-А]. Зияева М.Д. Инвестиционная деятельность в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы / М.Д. Зияева // Вестник национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино». – 2024. – №2. – С.28-39. (1,5 п.л.).

[2-А]. Зияева М.Д. Диверсификация источников инвестиционного обеспечения предпринимательских структур в промышленности / М.Д. Зияева // Таджикистан и современный мир. Душанбе. – 2024. – №1 (85). – С. 213-227. (0,8 п.л.)

[3-А]. Зияева М.Д. Концепция инвестиционно-промышленной политики Республики Таджикистан / М.Д. Зияева // Вестник национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино». – 2023. – № 12. – С. 194-204. (1,5 п.л.).

[4-А]. Зияева М.Д. Обзор теоретических подходов к формированию понятийного аппарата инвестиционной деятельности / С.Д. Комилов, М.Д. Зияева // Финансово-экономический вестник. Душанбе. – 2023. – №4/2(39) – С. 416-426. (0,6 п.л. в соавтор., автором – 0,3 п.л.).

[5-А]. Зияева М.Д. Сарчашмаҳои молиявии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (на гос.яз.) / М.Д. Зияева, Г.К. Курбонов // Финансово-экономический вестник. Душанбе. – 2023. – №3 (37) – С.176-184. (0,6 п.л. в соавтор., автором – 0,3 п.л.).

[6-А]. Зияева М.Д. Инвестиционное обеспечение развития промышленности: механизм государственно-частного партнерства / С.Д. Комилов, М.Д. Зияева // Вестник университета (РТСУ). – 2023. – №4 (82). – С. 29-40. (0,6 п.л. в соавтор., автором – 0,4 п.л.).

[7-А]. Зияева М.Д. Влияние инвестиционной составляющей в обеспечении экономического роста: ретроспективный обзор / М.Д. Зияева // Вестник национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино». – 2023. – №4-1. – С. 163-174. (1,8 п.л.).

[8-А]. Зияева М.Д. Методология и принципы интегральной оценки инвестиционной деятельности / М.Д. Зияева // Вестник национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино». 2023. – №9. – С. 140-151. (1,8 п.л.).

[9-А]. Зияева М.Д. Исследование теоретических подходов к определению инвестиций как экономической категории / М.Д. Зияева // Таджикистан и современный мир. Душанбе. 2023. – №2 (82). – С. 172-182. (0,6 п.л.).

[10-А]. Зияева М.Д. Роль предпринимательских структур в развитии промышленности Таджикистана / М.Д. Зияева // Таджикистан и современный мир. – Душанбе. – 2022. – №3 (79). – С. 177-186. (0,6 п.л.).

[11-А]. Зияева М.Д. К вопросу о формировании инвестиционно-промышленной политики Республики Таджикистан / М.Д. Зияева // Вестник БИСТ. Уфа. – 2022. – №1(54). – С. 29-37. (0,9 п.л.).

[12-А]. Зияева М.Д. Современный подход к теории предпринимательства / М.Д. Зияева // Вестник национального. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино». – 2021. – №1. – С. 23-30. (1 п.л.).

[13-А]. Зияева М.Д. Экономическая сущность и предпосылки развития предпринимательства в рыночной экономике / М.Д. Зияева // Вестник национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино». – 2021. – №6. – С. 133-139. (1 п.л.).

[14-А]. Зияева М.Д. Развитие производственного предпринимательства в условиях ускоренной индустриализации Республики Таджикистан / Р. Фаррухи, Л.И. Абдуллоева, М.Д. Зияева // Вестник национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино». – 2020. – №10-1. – С. 159-165. (0,75 п.л., в соавтор., автором – 0,35 п.л.).

[15-А]. Зияева М.Д. Инвестиционные основы развития предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан / М.Д. Зияева // Вестник БИСТ. Уфа. – 2017. – № 4 (37). – С. 22-28. (0,5 п.л.).
[16-А]. Зияева М.Д. Концептуальные основы развития инвестиционного маркетинга / М.Д. Зияева // Практический маркетинг. Москва. – 2016. – №10 (236). – С. 30-33. (0,5 п.л.).
[17-А]. Зияева М.Д. Предпосылки формирования и перспективы развития холдинговых структур в пищевой промышленности Республики Таджикистан / Ф.А. Кодиров, М.Д. Зияева // Вестник национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино». – 2015. – № 2/4(169). – С. 150-155. (0,5 п.л., в соавтор., автором – 0,3 п.л.).
[18-А]. Зияева М.Д. О роли иностранных инвестиций в обеспечении экономической безопасности в Таджикистане / М.Д. Зияева // Вестник национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино». – 2008. – № 1(45). – С.161-167. (0,5 п.л.).
[19-А]. Зияева М.Д. Финансовая устойчивость предприятия – основа устойчивого развития национальной экономики / М.Д. Зияева // Вестник национального университета. Душанбе: «Сино». – 2007. – № 1(33). – С. 161-167. (0,5 п.л.).

**Б) Дар дигар нашриёҳо**

[20-А]. Зияева М.Д. Роль инвестиционной составляющей в обеспечении ускоренной индустриализации / М.Д. Зияева / Ускоренная индустриализация и вопросы ее реализации в Таджикистане // Материалы международной научно-практической конференции. – Душанбе. – 2023. – С.152-156. (0,5 п.л.).
[21-А]. Зияева М.Д. К вопросу о формировании принципов интегральной оценки эффективности инвестиционной деятельности / М.Д. Зияева / Устойчивое развитие экономики: состояние, проблемы и перспективы // Материалы международной научно-практической конференции. – Пинск. – 2023. – Ч.1. – С. 33-36. (0,4 п.л.).
[22-А]. Зияева М.Д. Структурные элементы современной концепции инвестиционно-промышленной политики государства / М.Д. Зияева / Формирование систем государственного и местного управления в условиях цифровизации экономики // Материалы республиканской научно-практической конференции. – Душанбе. – 2022. – С.77-85. (0,5 п.л.).
[23-А]. Зияева М.Д. Формирование эффективного механизма инвестиционного обеспечения предпринимательских структур в промышленности / М.Д. Зияева / Банковская система: устойчивость и перспективы развития // Материалы международной научно-практической конференции. – Пинск. – 2022. – С.72-76. (0,5 п.л.).
[24-А]. Зияева М.Д. Организационно-экономический механизм развития производственного предпринимательства в Республике Таджикистан / М.Д. Зияева / Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства // Материалы международной научно-практической конференции. – Симферополь. – 2021. – С. 297-300. (0,4 п.л.).
[25-А]. Зияева М.Д. Этапы развития инвестиционной концепции Республики Таджикистан / Р. Фаррухи, М.Д. Зияева / Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства // Материалы международной научно-практической конференции. – Симферополь. – 2020. – С.290-293. (0,45 п.л., соавтор., автором – 0,3 п.л.).
[26-А]. Зияева М.Д. Устойчивое развитие: бизнес и инвестиции / М.Д. Зияева / Реализация целей устойчивого развития: зарубежная и национальная практика // Материалы международной научно-практической конференции. – Душанбе. – 2020. – С. 117-122. (0,5 п.л.).
[27-А]. Зияева М.Д. Оптимизация налогообложения производственного предпринимательства как фактор обеспечения ускоренной индустриализации в Республике Таджикистан / М.Д. Зияева // Таджикистан: экономика и управления – Душанбе. – 2020. – №1. – С. 96-102. (0,5 п.л.).
[28-А]. Зияева М.Д. Инвестиционные аспекты индустриализации экономики Таджикистана/Национальные экономические системы в контексте формирования глобального

экономического пространства / М.Д. Зияева // Материалы международной научно-практической конференции. – Симферополь. – 2019. – С. 611-615. (0,3 п.л.).
[29-А]. Зияева М.Д. Финансовые источники индустриализации: теоретический аспект / М.Д. Зияева / Стратегические подходы государственного и местного управления в условиях глобализации // Материалы республиканской научно-практической конференции. – Душанбе. – 2019. – С. 85-89. (0,3 п.л.).
[30-А]. Зияева М.Д. Механизм формирования прибыли в предпринимательской деятельности / М.Д. Зияева // Материалы  X International Scientific Conference «Scientific achievement of the third millennium». – Нью-Йорк. – 2019. – С. 4-8. (0,4 п.л.).
[31-А]. Зияева М.Д. Основные проблемы привлечения иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан / М.Д. Зияева / Финансовые проблемы развития национальной экономики в современных условиях // Материалы республиканской научно-практической конференции. – Душанбе. – 2018. – С. 124-227. (0,25 п.л.).
[32-А]. Зияева М.Д. Проблемы развития бизнеса в Таджикистане: инвестиционный фактор / М.Д. Зияева / Актуальные проблемы развития современного предпринимательства в Республике Таджикистан // Материалы республиканской научно-практической конференции. – Душанбе. – 2017. – С. 54-58. (0,3 п.л.).

# АННОТАЦИЯ

**к диссертационной работе Зияевой Манижи Давроновны на тему: «Формирование механизма инвестиционного обеспечения предпринимательских структур в промышленности Таджикистана: теория, методология, практика» на соискание ученой степени доктора экономических наук по специальности 08.00.04 – Отраслевая экономика (08.00.04.01 – Экономика промышленности и энергетики)**

**Ключевые слова:** инвестиции, инвестиционная деятельность, инвестиционный механизм, инвестиционное обеспечение, промышленность, индустриализация, предпринимательство, предпринимательские структуры, государство, инвестиционно-промышленная политика, формирование, стратегические приоритеты, развитие.

**Целью диссертационной работы** является разработка и обоснование теоретико-методологических основ и предложение научно-практических рекомендаций по формированию механизма инвестиционного обеспечения предпринимательских структур в промышленности Таджикистана с учетом изучения возможностей координации локальных, отраслевых и общеэкономических задач в сфере инвестиционного обеспечения.

**Актуальность темы.** Инвестиционной деятельности отводится ключевая роль в процессе проведения крупномасштабных, экономических и социальных преобразований, направленных на создание благоприятных условий для устойчивого экономического роста. В современных отечественных условиях, где одной из стратегических целей страны объявлена ускоренная индустриализация, активизация процесса инвестирования в промышленности становится одним из наиболее эффективных механизмов для достижения поставленных целей. Особые требования к качественным характеристикам инвестиционного процесса предъявляет глобализация мировой экономики, где национальным экономикам и их правительствам для достижение устойчивого и стабильного экономического роста необходима выработка и реализации соответствующей активной структурно-инвестиционной политики. От характеристик инвестиционной деятельности зависят производственный потенциал страны, эффективность его функционирования, отраслевая и воспроизводственная структура общественного производства. Исследование инвестиционного процесса с позиций системного подхода позволяет рассмотреть его как некую целостность, проявляющуюся в рамках экономических систем, которая характеризуется большим числом выполняемых функций, параметров и результатов функционирования. Это предопределяет актуальность исследования проблем формирования механизма инвестиционного обеспечения предпринимательских структур в промышленности и инвестиционно-промышленной политики.

В диссертации на основе применения различных методов исследованы, обоснованы и разработаны стратегические приоритеты формирования механизма инвестиционного обеспечения предпринимательских структур в промышленности Таджикистана, которые позволят оптимизировать и диверсифицировать структуру привлечения инвестиций и будут способствовать финансовой устойчивости и активизации инвестиционной деятельности в промышленном секторе.

**Теоретическая и научно-практическая значимость выполненного исследования** определяется значением и практическим характером проблемы формирования эффективного механизма инвестиционного обеспечения. Полученные результаты могут быть учтены в теории и практике государственного регулирования инвестиционной деятельности, в разработке программ и стратегий инвестиционного развития.

## АННОТАТСИЯ

**ба рисолаи диссертатсионии Зияева Манижи Давроновна дар мавзӯи: «Ташаккули механизми таъминоти сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноати Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисоди соҳа (08.00.04.01 – Иқтисоди саноат ва энергетика)**

**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, механизми сармоягузорӣ, таъмини сармоягузорӣ, саноат, саноатикунонӣ, соҳибкорӣ, сохторҳои соҳибкорӣ, давлат, сиёсати сармоягузорӣ-саноатӣ, ташаккулёбӣ, афзалиятҳои стратегӣ, рушд.

**Мақсади рисолаи диссертатсионӣ** таҳия ва асосноккунии асосҳои назариявӣ-методологӣ ва пешниҳоди тавсияҳои илмию амалӣ оид ба ташаккули механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноати Тоҷикистон бо назардошти омӯзиши имкониятҳои ҳамоҳангсозии вазифаҳои маҳаллӣ, соҳавӣ ва умумииқтисодӣ дар соҳаи таъминоти сармоягузорӣ мебошад.

**Аҳамияти мавзӯъ.** Фаъолияти сармоягузорӣ дар раванди ба амал баровардани дигаргунсозиҳои бузурги иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ба фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ нигаронида шудааст, нақши калидӣ дорад. Дар шароити муосири ватанӣ, ки саноатикунонии босуръат яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар эълон карда шудааст, фаъолгардонии раванди сармоягузорӣ дар саноат ба яке аз механизмҳои самараноки расидан ба ҳадафҳои гузошташуда табдил меёбад. Ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ нисбат ба хусусиятҳои сифатии раванди сармоягузорӣ талаботҳои махсус пешниҳод мекунад, ки дар он ба иқтисодиёти миллӣ ва намояндаҳои онҳо барои ноил шудан ба рушди устувор ва муътадили иқтисодӣ таҳия ва татбиқи сиёсати мувофиқи сохторию сармоягузорӣ зарур аст. Аз тавсифи фаъолияти сармоягузорӣ нерӯи истеҳсолии мамлакат, самаранокии фаъолияти он, сохтори соҳавӣ ва такрористеҳсоли истеҳсолоти ҷамъиятӣ вобаста аст. Таҳқиқи раванди сармоягузорӣ аз нуқтаи назари равиши низомӣ имкон медиҳад, ки он ҳамчун як навъ ҷузъи том баррасӣ карда шавад, ки дар доираи низомҳои иқтисодӣ зоҳир ёфта, бо миқдори зиёди функсияҳои иҷрошаванда, параметрҳо ва натиҷаҳои фаъолияткунӣ тасиф карда мешавад. Ҳамаи ин аҳамияти таҳқиқи масъалаҳои ташаккули механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноат ва сиёсати сармоягузорию саноатиро муайян мекунад.

Дар дисертатсия дар асоси истифодаи усулҳои гуногун афзалиятҳои стратегии ташаккули механизми таъмини сармоягузории сохторҳои соҳибкорӣ дар саноати Тоҷикистон таҳқиқ, асоснок ва таҳия карда шудаанд, ки сохтори ҷалби сармоягузориро беҳтар ва васеъ кардан имкон медиҳад ва ба устувории молиявӣ ва фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши саноат мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқоти анҷомёфта** бо моҳият ва тавсифи амалии муаммоҳои ташаккули механизми самараноки таъмини сармоягузорӣ муайян карда мешавад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар назария ва амалияи танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ, дар таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои рушди сармоягузорӣ ба назар гирифта шаванд.

**ANNOTATION**

of the dissertation by Ziyaeva Manizha Davronovna on the topic: "Formation of the Investment Support Mechanism for Entrepreneurial Structures in the Industry of Tajikistan: Theory, Methodology, Practice," submitted for the degree of Doctor of Economic Sciences, specialty 08.00.04 – Sectoral Economics (08.00.04.01 – Industrial and Energy Economics).

**Keywords**: investments, investment activity, investment mechanism, investment support, industry, industrialization, entrepreneurship, entrepreneurial structures, state, investment-industrial policy, formation, strategic priorities, development.

**Objective**: The objective of this dissertation is to develop and substantiate theoretical and methodological foundations, and to propose scientific and practical recommendations for the formation of an investment support mechanism for entrepreneurial structures in the industry of Tajikistan, taking into account the possibilities of coordinating local, sectoral, and macroeconomic objectives in the field of investment support.

**Relevance of the Topic**: Investment activity plays a key role in implementing large-scale economic and social transformations aimed at creating favorable conditions for sustainable economic growth. In the current domestic context, where accelerated industrialization has been declared one of the country's strategic goals, the intensification of investment processes in the industry becomes one of the most effective mechanisms for achieving these goals. The globalization of the world economy imposes specific quality requirements on the investment process, where national economies and their governments need to develop and implement appropriate active structural investment policies to achieve sustainable and stable economic growth. The characteristics of investment activity determine the production potential of the country, the efficiency of its functioning, and the sectoral and reproductive structure of social production. Studying the investment process from a systemic approach allows us to view it as an integrated entity within economic systems, characterized by a large number of functions, parameters, and performance results. This underscores the relevance of researching the problems of forming an investment support mechanism for entrepreneurial structures in the industry and investment-industrial policy.

In the dissertation, using various methods, the strategic priorities for forming an investment support mechanism for entrepreneurial structures in the industry of Tajikistan are researched, substantiated, and developed. These priorities will optimize and diversify the structure of investment attraction and contribute to financial stability and the activation of investment activity in the industrial sector.

**Theoretical and Scientific-Practical Significance**: The theoretical and scientific-practical significance of the research is determined by the importance and practical nature of the problem of forming an effective investment support mechanism. The results obtained can be considered in the theory and practice of state regulation of investment activities, and the development of programs and strategies for investment development.